ТОҶИКИСТОН

№ 10 (1675), 11.03.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якҷост! Оғози нашр соли 1992

МУСИҚИЕ, КИ ОЛАМРО ТАСХИР КАРД

ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ 80-СОЛА ШУД



6-уми сентябри соли 1999, лаҳзаи ифтитоҳи муҷассамаи Шоҳ Исмоили Сомонӣ, аз ҷониби Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон операи ман “Амир Исмоил” садо дод. Он лаҳза дарк кардам, ки бунёди муҷассамаи Исмоили Сомонӣ танҳо сохтани як иншооти азим не, балки барқарор кардани симои таърихии миллат мебошад.

Толибхон ШАҲИДӢ

ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Матлубахон САТТОРИЁН,
Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ, академик

Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,
раиси Кумита оид ба масъалаҳои ичтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Дилбар ОДИЛЗОДА,
муовини раиси шаҳри Душанбе

Заробиддин ҚОСИМӢ,
Сардори ҳадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Рафоэл НЕКТАЛОВ,
Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Усмон РАҲИМЗОДА,
муҳаррири сомонаи pressa.tj

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми супоридани ордени «Дӯстӣ» ба бастакор Толибхон Шаҳидӣ

Ман аввалин ҷоизаҳоямро дар замони Истиқлол гирифтам. Бо унвони Ҳунарпешаи мардумии Тоҷикистон, ордени «Дӯстӣ» қадрдонӣ гаштам. Барои балети «Марги судхӯр» соли 1994 сазовори Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ шудам. Вақте ки ин ҷоизаро аз дасти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон гирифтам, дилам ҳам шод буд, ҳам пур аз ҳасрат – афсӯс, ки дар он лаҳзаҳо падарам ҳузур надоштанд.

Толибхон ШАҲИДӢ

МУСИҚӢ - ЗАБОНИ МУАРРИФИИ МИЛЛАТ

Яке аз чеҳраҳои барҷастаи фарҳанги тоҷик, бастакори маъруф Толибхон Шаҳидӣ 80-сола мешавад. Ин сана танҳо як ҷашни шахсӣ нест. Ин рӯйдод имкони дигарест барои андеша кардан дар бораи он, ки чаро донистан ва фаҳмидани осори ӯ барои ҷомеаи мо муҳим аст ва чаро эҷодиёти ӯ метавонад ба муаррифии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ хизмат кунад.

ПУЛИ ФАРҲАНГҲО

Толибхон Шаҳидӣ дар оилаи бастакори бузург ба дунё омадааст. Падари ӯ Зиёдулло Шаҳидӣ асосгузори мактаби касбии композиторӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Вале Толибхон на танҳо мероси падарро идома дод, балки онро ба сатҳи ҷаҳонӣ бароварда.

Осори Толибхон Шаҳидӣ намунаи нодири ҳамзистии анъанаҳои фарҳангист. Дар мусиқии ӯ мақоми тоҷикӣ, андешаи ирфонии адабиёти форсӣ-тоҷикӣ ва забони симфонии аврупоӣ бо ҳам мепайванданд. Ин омезиш ба мусиқии ӯ хусусияти универсалӣ мебахшад. Он ҳамзамон миллӣ ва ҷаҳонӣ аст.

Ҳамин аст, ки асарҳои ӯ дар саҳнаҳои машҳури ҷаҳон садо медиҳанд - аз Москва то Лондон ва Ню-Йорк. Ҳар боре, ки мусиқии ӯ иҷро мешавад, дар асл як порча аз фарҳанги тоҷик ба гӯши ҷаҳониён мерасад.

ЧАРО ШИНОХТИ ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ МУҲИМ АСТ?

Мутаассифона, дар ҷомеаи мо бисёр вақт шинохти чунин шахсиятҳо танҳо дар доираи мутахассисон маҳдуд мемонад. Ин дар ҳолест, ки осори Толибхон Шаҳидӣ метавонад барои худшиносии фарҳангии ҷомеа аҳамияти бузург дошта бошад.

Дар мусиқии ӯ рӯҳи тамаддуни ҳазорсолаи тоҷикон таҷассум ёфтааст. Вай на танҳо композитор, балки тарҷумони маънавии фарҳанги мост. Мақом, шеър, фалсафа ва тафаккури шарқӣ дар осори ӯ ба забони мусиқии симфонӣ табдил ёфтаанд.

Аз ин рӯ, донистани эҷодиёти ӯ танҳо шиносоӣ бо як бастакор нест, ин шиносоӣ бо як ҷаҳонбинии фарҳангист.

ДАР САҲНАҲОИ ҶАҲОНӢ

Толибхон Шаҳидӣ танҳо як бастакори муваффақ нест. Ӯ яке аз шахсиятҳоест, ки мусиқии тоҷикро ба сатҳи ҷаҳонӣ бароварда. Дар нимаи дуюми асри XX, вақте ки фарҳангҳои миллӣ роҳи худро дар фазои ҷаҳонӣ мечустанд, Шаҳидӣ тавонист мусиқии тоҷикро бо забони симфонии байналмилалӣ муаррифӣ намояд.

Дар осори ӯ анъанаҳои қадимаи мақом, оҳангҳои мардумӣ ва мероси адабиёти классикии форсӣ-тоҷикӣ бо шаклҳои мусосири мусиқии симфонӣ пайваст мешаванд. Ин омезиш на танҳо ба мусиқии ӯ ранги миллии хос медиҳад, балки онро барои шунавандаи ҷаҳонӣ низ фаҳмо ва ҷолиб мегардонад.

Асарҳои Толибхон Шаҳидӣ дар саҳнаҳои маъруфи ҷаҳон иҷро ва аз ҷониби дирижёрҳо ва оркестрҳои машҳур пазируфта шудаанд. Ҳар иҷрои чунин асарҳо дар асл муаррифии фарҳанги тоҷик ба ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Аз ин ҷиҳат, фаъолияти ӯро метавон як навъи дипломатияи фарҳангӣ номид. Зеро таваҷҷуҳи мусиқии ӯ ҷаҳон бо тамаддун, таърих ва рӯҳи фарҳанги тоҷикон ошно мегардад.

Дар айни замон, барои рушди мусиқии дохилии Тоҷикистон низ саҳми ӯ муҳим аст. Осори ӯ ба насли ҷавони композиторон нишон медиҳад, ки чӣ гуна метавон анъанаҳои миллиро нигоҳ дошта, ҳамзамон ба фазои фарҳанги ҷаҳонӣ ворид шуд.

Ҳамин тавр, эҷодиёти Толибхон Шаҳидӣ танҳо ба як давраи таърихӣ тааллуқ надорад. Он ба мероси фарҳангии миллат табдил ёфтааст меросе, ки метавонад ҳам барои худшиносии миллӣ ва ҳам барои муаррифии Тоҷикистон дар ҷаҳон хизмат кунад.

ДИПЛОМАТИЯИ ФАРҲАНГӢ

Дар асри XXI қудрати фарҳангӣ барои ҳар миллат аҳамияти бузург дорад. Давлатҳо на танҳо бо иқтисод ва сиёсат, балки бо фарҳанг ва ҳунари худ низ шинохта мешаванд.

Ба ин маъно, осори Толибхон Шаҳидӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини дипломатияи фарҳангии Тоҷикистон мебошад. Вақте ки оркестрҳои бузурги ҷаҳон асарҳои ӯро иҷро мекунанд, дар баробари мусиқӣ номи Тоҷикистон низ садо медиҳад.

Ин навъи муаррифӣ ором, зебо ва таъсирбахш ва пурқувваттар аз дигар навъи таблиғот аст. Мусиқӣ забони умумии башарият аст ва маҳз тавассути он миллат метавонад худро ба ҷаҳон муаррифӣ кунад.

МЕРОСЕ БАРОИ ОЯНДА

80 сол барои як инсон роҳи пурпечутоб аст, вале барои эҷодиёт ин танҳо як марҳила мебошад. Осори Толибхон Шаҳидӣ аллакай ба бахше аз мероси фарҳангии миллат табдил ёфтааст.

Муҳим он аст, ки ин мерос танҳо дар бойгониҳо боқӣ намонад. Он бояд омӯзонида шавад, иҷро гардад, шарҳ дода шавад ва ба насли ҷавон расад. Танҳо дар ин сурат мо метавонем аз ин ганҷи маънавӣ баҳраманд шавем. Зеро миллате, ки ҳунармандони бузурги худро мешиносад ва қадр мекунад, метавонад фарҳанги худро дар ҷаҳони муосир бо ифтихор муаррифӣ намояд.

Аз ин рӯ, 80-солагии Толибхон Шаҳидӣ танҳо бузургдошти як бастакори барҷаста нест. Ин ҷашни фарҳанг, ҷашни мусиқӣ ва ҷашни худшиносии миллии мост.

Шариф ҲАМДАМПУР

ЯК УМР КИФОЯ НЕСТ...



Толибхон Шаҳидӣ - композитори шинохтаи тоҷик, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон ва яке аз намояндагони барҷастаи мусиқии академии тоҷик имрӯз бештар дар Маскав ва Лондон зиндагӣ мекунад. Бо вуҷуди ин, ӯ ҳамоно худро ҷузъи фарҳанги Тоҷикистон медонад. Дар суҳбате бо мо оҳангсоз аз дастовардҳои эҷодӣ, вазъи мусиқии тоҷик ва роҳҳои муаррифии он дар ҷаҳон гуфт.

- Толибхон Зиёдуллоевич, солҳои охир бештар берун аз Тоҷикистон фаъолият мекунед. Дастоварди асосии эҷодии шумо дар вақтҳои охир кадом аст?

- Яке аз муҳимтарин асарҳое, ки соли гузашта навиштам, «Метафор дар пояи сонате Крейсеров» мебошад. Ин асар дар асоси андешаҳои Лев Толстой эҷод шудааст. Он дар озмуни умумирусиягии «Толстой аз дидгоҳи бастакорон», ки ба 190-солагии нависанда бахшида шуда буд, сазовори ҷойи аввал гардид. Нахустнамоиши он дар шаҳри Тула ва ҳамчунин дар Ясная Поляна баргузор шуд.

- Чӣ шуморо водор кард, ки ба эҷодиёти Толстой рӯ оред?

- Ман қаблан ҳам дар асоси осори адибони бузург, Румӣ, Умари Хайём, Садриддин Айнӣ ва Лоиқ Шералӣ асарҳо навишта будам. Аммо ин идея ногаҳон ба вуҷуд омад. Вақте фаҳмидам, ки фестивал баргузор мешавад, қарор додам, ки дар асоси «Сонатаи крейсер»-и Толстой асаре эҷод кунам. Ин асар дар бораи сарнавишти инсон, рашк ва паёмадҳои он аст.

- Шумо солҳои зиёд ба масъалаи пайванди мусиқии миллӣ ва мусиқии академӣ машғул ҳастед. Ин раванд то чӣ андоза муҳим аст?

- Устоди ман Арам Хачатурян ҳамеша мегуфт: «Сарчашмаи мусиқии миллиро фаромӯш накун!». Барои композитори ҳақиқӣ хеле муҳим аст, ки фолклор ва мусиқии суннатии халқи худро хуб донад. Танҳо дар ин сурат мумкин аст мусиқии миллиро ба сатҳи ҷаҳонӣ бардорад. Ман тамоми умр кӯшиш кардам, ки мусиқии тоҷикро бо мусиқии ҷаҳонӣ синтез кунам.

- Ба назари шумо, мусиқии тоҷик чӣ ҷозиба дорад, ки метавонад шунавандаи ҷаҳониро ҷалб кунад?

- Мусиқии аврупоӣ бештар ба сохтори мантиқӣ ва математикӣ такя мекунад, дар ҳоле ки мусиқии Шарқ, аз ҷумла мусиқии тоҷик, бештар андеша ва эҳсос дорад. Аз ҳамин сабаб он мустақим ба қалби инсон роҳ меёбад.

- Шумо аз фаъолияти Оркестри давлатии симфонии Тоҷикистон низ дидан кардед. Таассуроти шумо чӣ гуна аст?

- Оркестр хуб аст, аммо ба мутахассисони бештар ниёз дорад. Ба фикри ман, барои рушди он бояд ҷавонони боистеъдод ба консерваторияҳои пешрафта фиристода шаванд. Агар кадрҳои касбӣ зиёд шаванд, имкониятҳои оркестр низ бештар мегарданд.

- Имрӯз компютер ба тамоми соҳаҳо, аз ҷумла ба мусиқӣ ворид шудааст. Шумо аз он истифода мекунед?

- Ман то ҳол бо қалам дар варақи нотанависӣ менависам. Баъд онҳоро ба мутахассисон медиҳам, то ба компютер ворид кунанд. Ба назари ман, мусиқӣ бояд аз қалб ояд. Компютер танҳо техника аст, ҳарчанд корро осон менамояд.

- Ба назари шумо, барои рушди мусиқии касбии тоҷик имрӯз чӣ муҳим аст?

- Пеш аз ҳама омӯзиш. Бастакорон бояд ҳам мусиқии ҷаҳонӣ ва ҳам фалак, ҳам шашмақомро хуб омӯзанд. Имрӯз қадамҳои аввал барои рушди мусиқии симфонӣ гузошта шудаанд. Оркестр ташкил шудааст, имкониятҳо пайдо мешаванд. Аммо барои пешрафти воқеӣ як умр ҳам кам аст...

Одил Нозир



Шаби эҷодии Толибхон Шаҳидӣ дар Консерваторияи ба номи П.И. Чайковский, 29 апреляи соли 2021

ВЕЖАНОМАИ ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ

Шумораи махсуси ҳафтаномаи “Тоҷикистон” бахшида ба 80-солагии Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, бастакори оламшумул Толибхон Шаҳидӣ дар 16 саҳифа бо матолиби ҷолибу хондanӣ, мусоҳибаҳо ва аксҳои нодир бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ ба табъ расид.

Дар ин шумора табрикоти раиси Иттифоқи композиторони Тоҷикистон Амирбеки Мӯсо, нигоштаҳои оҳангсозон ва навозандагони маъруф, мақолаҳои санъатшиносони шинохта ва адибону рӯзноманигорон нашр шудааст.

Рӯйхати комили асарҳои Толибхон Шаҳидӣ – операҳо, операҳо барои кӯдакон, балетҳо, асарҳои симфонӣ, консертҳои созӣ, асарҳои камеравӣ-созӣ, созӣ-вокалӣ, мусиқӣ ба асарҳои саҳнавӣ ва филмҳо низ дар ин шумора нашр шудаанд, ки манбаи нодир барои омӯхтани фаъолияти ин бастакори маъруф мебошанд.

Харитаи консертҳои Толибхон Шаҳидӣ, ки дар ин шумора нашр шудааст, бозгӯйи шуҳрати ҷаҳонии ин бастакори маъруф ва оламшумули тоҷик мебошад.

Ёдовар мешавем, ки рӯзи 13-уми марти соли равон дар Толори калони Консерваторияи Москва ба номи П. А. Чайковский бахшида ба 80-солагии Толибхон Шаҳидӣ консерти бошукӯҳ баргузор мешавад ва вежашумораи ҳафтаномаи “Тоҷикистон” дар ин консерт ба меҳмонон тақдим хоҳад шуд.

Дар шумораи навбатии ҳафтаномаи “Тоҷикистон” чанде аз мақолаҳои нашри махсусро манзури шумо мекунем.



Александр ЧАЙКОВСКИЙ,
бастакор, раиси Шурои Иттифоқи композиторони Русия

Консерти сеюм барои фортепиано»-и Толиб Шаҳидӣ, бешубҳа, яке аз муваффақиятҳои дурахшони эҷодии ӯст. Ин мусиқӣ гӯё дар фазо ва тӯли як нафас офарида шудааст ва шунавандаро бо шавқу ҳаяҷон фаро мегирад. Ба андешаи ман, ин асар метавонад дар ҳар гӯшаи ҷаҳон садо диҳад ва зебу зинати ҳар ҷашнвораи байналмилалии мусиқӣ гардад.



Амирбеки Мӯсо,
раиси Иттифоқи композиторони Тоҷикистон

Устод Толибхон Шаҳидӣ дар мусиқии касбии ҷаҳонӣ мақому ҷойгоҳи хосаи худро доранд.

Толибхон Шаҳидӣ дар таърихи мусиқии касбии тоҷик ва мусиқии ҷаҳонӣ ҳамчун оҳангсози навовару навҷӯ машҳур гардидааст. Ӯ дар мусиқӣ ҳамчун файласуф эътироф шудааст. Аз ин рӯ, мусиқии эҷоднамудаи ӯро бояд дарк кард ва шунид!

Аз номи Раёсати Иттифоқи композиторони Тоҷикистон Шумои азизро ба ифтихори ҷашни хуҷастаи 80-солагиятон бо ихлосу эҳтироми бепоён муборакбод мегӯям ва ба корҳои эҷодиятон комёбиҳои бештар таманно дорам.

ҶОЙГОҲИ ЭРОН ДАР ҶАҲОН

1. Эрон аз камшумор кишварҳоест, ки ваксинаи зидди курунои худро дорад ва аз нигоҳи тарҳҳои ваксинӣ дар радифи 10 кишвари пешрафтаи ҷаҳон аст.

2. Сохтан, назорат ва решакан кардани сил, гепатит B, полиомелит (фалачи кӯдакон), дифтерия, сиёҳсурфа, казоз (столбняк), сурхак. (Аз соли 2006 полиомелит дар Эрон решакан шуда ва ин кишвар расман орӣ аз он эълон шудааст).

3. Дар миёни 10 кишвари пешрафта моҳвора месозад ва ба кайҳон мебарорад.

4. Партоби моҳвораи "Сурайё" ба мадори 750 километр аз Замин ва моҳвораи "Маҳдӣ" ба мадори байзавӣ бо авҷи 1100 километр.

5. Назоарти доираи 2000-километрӣ бо истифода аз мушакҳои "Сиҷҷил" ва "Хуррамшаҳр".

6. Ҷо доштан дар миёни 10 кишвари қудратманди мушакии ҷаҳон бо мушакҳои дақиқи "Хайбаршикан" ва "Фаттоҳ".

7. Бумисозии тавлиди киштиҳои зериобии "Фотеҳ" ва "Ғадир" бо қобилияти партоби мушакҳои болдор аз зери об.

8. Ҷо гирифтан дар миёни 10 қудрати бартари паҳбодии ҷаҳонӣ ва пешрав будан дар ҷанги паҳбодӣ бо истифода аз паҳбодҳои камикадзеи "Шоҳид-136" ва тавоноии саркӯби системаҳои гаронқадри падофанди (ПВО) ҳавоӣ.

9. Баҳрабардории беш аз 95 корхонаи обширинкун дар кишвар, таъмини оби нӯшокӣ дар шаҳрҳои соҳилӣ, ниёзҳои саноатӣ ва кишоварзӣ (бо барномарезӣ барои роҳандозии аввалин корхонаи обширинкуни ҳастаӣ дар кишвар).

10. Дувумин кишвар дар ҷаҳон, ки бо истифода аз роботи эронии "Сино" ҷарроҳӣ аз роҳи дурро анҷом медиҳад.

11. Ҷойи аввали биотехнологӣ дар Ховари Миёна ва ҷойи сенздаҳум дар ҷаҳон.

12. Аз ҷумлаи 10 кишвари пешрафтаи ҷаҳон дар таҳқиқоти ҳуҷайраҳои бунёдӣ (стволовые клетки).

13. Тақвияти эътибори илмии Эрон дар ҳавзаи моделсозӣ ва дармони безурётӣ ба унвони як маркази пешрав дар минтақа.

14. Ҷойи ҳаштум дар ҷаҳон дар пизишкии бозсохтанӣ ва ҳуҷайрадармонӣ (ҳатто болотар аз Ҷопон ва Ҳоланд).

15. Аз шумори 10 кишвари бартари ҷаҳон дар дармони сактаҳои мағзии ҳод (острый инсульт).

16. Донишгоҳҳои улуми пизишкии Эрон бо марказҳои пешрави ҷаҳонӣ дар дорусозӣ, самшиносӣ ва зистпизишкӣ (тибқи гузориши Scimgo) рақобат мекунанд.

17. Ҳифзи ҷойгоҳи шашум дар ҷаҳон дар тавлиди улуми нано ва расидан ба рутбаи чаҳоруми ҷаҳонӣ.

18. Саҳми қобили таваҷҷуҳ дар интишороти илмӣ дар ҳавзаи фанноварии нано ва рутбаи панҷуми ҷаҳонӣ дар интишорот дар маҷаллаҳои Q1.

19. Рутбаи аввали ҷаҳонӣ дар шумораи мақолаҳои илмҳои нано нисбат ба тавлиди нохолиси дохилӣ.

20. Пештозӣ дар саҳми ихтирооти нанофановарона дар ҷаҳон дар миёни тамоми ихтирооти сабтшуда дар Амрико ва Урупо.

21. Тавлиди беш аз 1700 маҳсули нано тавассути беш аз 400 ширкати навовар ва содирот ба 49 кишвари ҷаҳон.

22. Тавлиди нанодоруҳои зидди саратон ва нанокатализаторҳо барои саноати нафту газ.

23. Рушди тавлидоти илмии 11 баробар зиёдтар аз миёнгини ҷаҳонӣ.

24. Ҷаҳиш аз рутбаҳои поин ба рутбаи ҳабдаҳуми ҷаҳон дар тавлидоти илмӣ дар кӯтоҳтарин замони мумкин.

25. Устуворсозии ҷойгоҳи дувум дар интишороти илмӣ дар байни кишварҳои мусалмон ва рутбаи аввал дар минтақа.

26. Аз шумори 10 кишвари бо чархаи комили сӯхти ҳастаӣ (атомӣ).

27. Тавоноии ғанисозии уран, тарроҳии сентрофуг ва тавлиди сӯхт барои реакторҳои таҳқиқотӣ.

28. Дувумин бонки бузурги хуни банди ноф дар ҷаҳон бо беш аз 250 000 намуна ва бузургтарин маркази захирасозии ҳуҷайраҳои бунёдӣ дар Ховари Миёна.

29. Содироти роботи ҷарроҳии "Сино" ба Индонезия, омӯзиши беш аз 212 ҷарроҳи индонезӣ ва таъсиси маркази муштараки Эрону Индонезия барои ҷарроҳии роботӣ аз роҳи дур.

30. Истеҳсоли 28 навъ доруи зистӣ (биоперепарат), рутбаи сеюм дар Осиё дар ин замина.

31. Рутбаи сеюми ҷаҳон дар сабти аломатҳои тиҷоратӣ ва рутбаи ёздаҳум дар тарроҳии саноатӣ.

32. Вуруд ба ҳавзаи фанноварии квантӣ бо роҳандозии се озмоишгоҳ ва чандин маркази таҳқиқотии тахассусӣ.

33. Партоби моҳвораҳои нав дар соли 2025, аз ҷумла "Зафар-2", "Кавсар" ва "Поё" ва идомаи барномаи фазоӣ бо моҳвораи иртиботии "Ноҳид-2".

Ин тамоми ҷузъиёт нест, метавонам ҳамин тавр идома диҳам, аммо фикр мекунам барои одамҳои баҳуш ҳамин кофист.

Тарҷума ва таҳияи Юнус ЮСУФӢ



Баркияи табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Раҳбари Олии Ҷумҳурии Исломии Эрон Оятуллоҳ Сайид Муҷтабо Ҳусейни Хоманаӣ

"Валоҳазрат,

Ба муносибати интихоби шоистаи Шумо ба мақоми Раҳбари олии Ҷумҳурии Исломии Эрон табрику таҳнияти самимии хешро арз менамоям. Бовар дорам, ки таҳти раҳбарии Ҷаноби Олӣ мардуми сарбаланди Эрон бар ҳама мушкилоте, ки имрӯз кишвари ба мо дӯсту бародар мувоҷеҳ шудааст, пирӯз хоҳад шуд.

Мо нақши созандаи Ҷумҳурии Исломии Эронро дар таҳкими сулҳу суботи минтақа ва ҷаҳон муҳим арзёбӣ намуда, бори дигар ҷонибдории хешро аз риояи ҳатмии усул ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ дар муносибатҳои байнидавлатӣ таъкид менамоем.

Бо табрики муҷаддад, омодагии ин ҷонибро барои таҳкиму тавсеаи беш аз пеши ҳамкориҳои судманди Тоҷикистону Эрон ба нафъи ду миллати бародар бо такя ба усули ҳусни эътимод ва эҳтироми ҳамдигарӣ изҳор медорам.

Бо истифода аз ин фурсат, ба Шумо сиҳатмандии комил ва тавфиқи рӯзафзун, ба мардуми бародари Эрон сулҳу субот ва шукуфоии пойдор орзумандам".

МУҶТАБО ХОМАНАЙ

роҳбари нави Ҷумҳурии Исломии Эрон

Шаби 8-уми март Маҷлиси Хубрагони Эрон Сайид Муҷтабо Ҳусайнии Хоманаиро роҳбари нав ва сеюми Ҷумҳурии Исломӣ интихоб ва муаррифӣ кард. Ӯ дар ин мақом падараш Алии Хоманаиро, ки ҳамроҳ бо ҳамсару чанде аз пайвандонаш дар оғози ҷанги Амрикову Исроил дар Эрон, рӯзи 28-уми феврал кушта шуд, иваз кард.

Шаҳид Оятуллоҳ Сайид Алии Хоманаӣ шаш фарзанд дошт: чор писар - Мустафо (1965), Муҷтабо (1969), Масъуд (1974), Майсам (1978) ва ду духтар - Башор (1979) ва Ҳудо (1980).

Муҷтабо фарзанди дуюми ӯ буда, 8-уми сентябри соли 1969 дар шаҳри Машҳад таваллуд шудааст. Нахуст дар назди падар ва баъдан дар ҳавзаҳо ва мадориси динӣ таҳсил кард. Таҳсилоти миёнаро дар мактаби мазҳабии "Алавӣ" гирифт.

Муҷтабо Хоманаӣ довталабона дар ҷабҳаҳои ҷанги Эрону Ироқ ширкат карда, дар сафи нерӯҳои Басиҷ ва Сипоҳи посдорони Инқилоб ҷангидааст. Ба навиштаи расонаҳо, дар 17-солагиаш чанд маротиба дар ҷанги Эрону Ироқ ба таври кӯтоҳмуддат дар баъзе амалиётҳо низ ширкат кардааст. Аз ин ҷост, ки миёни афсарони Сипоҳ обрӯву нуфуз дорад.

Муҷтабо як шахсияти илмӣ аст.

Аз устодони баргузида фиқҳ ва усули фиқҳ омӯхта, мегӯянд, ки ба дараҷаи иҷтиҳод (қобилияти истинботи ҳукмҳои фиқҳӣ) расидааст. Солҳо дар ҳавзаҳои илмии Қум ба тадрис машғул шудааст.

Муҷтабо Хоманаӣ соли 1999 бо Захро, духтари Ғуломалӣ Ҳаддод Одил издивоҷ кард. Ин издивоҷро як пайванди сиёсӣ ва стратегӣ байни ниҳоди раҳбарӣ ва ҷиноҳи муҳофизакори фарҳангӣ-технократӣ медонанд.

Ҳаддод Одил баъдтар ба яке аз чеҳраҳои муҳими сиёсии муҳофизакор табдил ёфт ва соли 2004 раиси Маҷлиси Шурои Исломӣ гардид. Ҳоло ӯ узви Шурои маслиҳатии низом, раиси Фарҳангистони забон ва адаби форсӣ ва раиси Бунёди Саъдӣ дар Эрон аст.

Захро - ҳамсари Муҷтабо Хоманаӣ бо фарзандаш дар натиҷаи ҳамлаи Исроилу Амрико рӯзи 28-уми феврал ба шаҳодат расид.

Муҷтабо Хоманаӣ то имрӯз расман дар ягон мансаби давлатӣ кор накардааст, вале аз таъсиргузортарин шахсиятҳои низом ба шумор меравад. Номи ӯ бори аввал дар сиёсат дар интихоботи президентии соли 2005 садо дод. Он вақт расонаҳо ба он ишора карданд, ки ӯ барои раисҷумҳур интихоб шудани Маҳмуди Аҳмадинажод таъсир гузоштааст.

Ҳамин тавр, дар ҳаводиси сиёсии кишвар Муҷтабо Хоманаӣ аз пушти парда ҳамеша ҳузур дошт ва расонаҳо аз таъсири ӯ дар ин ё он тасмимгириҳо менавиштанд.

Гуфта мешавад, ки ӯ на танҳо аз назари зоҳирӣ ба Алии Хоманаӣ монанд аст, балки аз назари вежагиҳои фардӣ низ ба падараш монандӣ дорад. Ба ҳар ҳол ӯ наздиктарин фард ба падараш буд ва табиист, ки аз низоми кишвар ва таҳаввулоти муҳими дохиливу хориҷӣ огоҳ буд.


Дар солҳои охир бисёр таҳлилгарон Муҷтаборо яке аз номзадҳои асосии ҷонишинии падараш медонистанд. Гумонзаниҳо дар бораи эҳтимоли ҷонишинии ӯ солҳои зиёд матраҳ буд, махсусан вақте ки синну вазъи саломатии Алии Хоманаӣ мавзуи бахсҳои ҷамъиятӣ шуда буд.

То имрӯз аз Муҷтабо Хоманаӣ мусоҳиба ё гуфтугӯи расмӣ нашр нашудааст ва маълум нест, ки дар масъалаҳои дохилу хориҷ, махсусан нисбат ба Амрико ва Исроил чӣ сиёсатеро пеш мегирад.

Баъзеҳо бовар доранд, ки марде, ки падар, модар ва ҳамсарашро дар пайи ҳамлаҳои ИМА ва Исроил аз даст додааст, эҳтимолан таҳти фишори Ғарб гузашт намекунад.

СОХТМОН ЗИЁД, ХОНА ГАРОН

Солҳои охир дар Тоҷикистон ҳаҷми сохтмони манзилҳои истиқоматӣ босуръат афзоиш меёбад. Омори расмӣ нишон медиҳад, ки бахши сохтмон, бахусус сохтмони хонаҳои истиқоматӣ ба яке аз соҳаҳои фаъолтарини иқтисоди кишвар табдил ёфтааст. Аммо дар баробари зиёд шудани сохтмон, нархи манзил дар бозор ҳамоно баланд боқӣ мондааст. Саволе ба миён меод: чаро бо афзоиши сохтмон нархи хонаҳо коҳиш намеёбад?



РУШДИ НАЗАРРАСИ СОХТМОН

Тибқи маълумоти Агентии омори Тоҷикистон, танҳо дар моҳи январи соли ҷорӣ 125,3 ҳазор метри мураббаъ манзили истиқоматӣ ба истифода дода шудааст. Ин нишондиҳанда нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта қариб се баробар зиёд мебошад.

Қисми зиёди ин сохтмон ба бахши хусусӣ рост меояд. Дар байни минтақаҳо шаҳри Душанбе бо 48,2 ҳазор метри мураббаъ ё 38,5 дарсади манзилҳои ба истифода додашуда ҷойи аввалро ишғол мекунад. Пас аз он вилояти Хатлон бо 32,6 ҳазор метри мураббаъ ва вилояти Суғд бо 30,1 ҳазор метри мураббаъ қарор доранд. Дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 14,3 ҳазор метри мураббаъ манзил ба истифода дода шудааст. Аммо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар ин давра ягон манзили нав ба истифода дода нашудааст.

Илова бар ин, дар моҳи январ ду муассисаи таҳсилоти умумӣ барои 1250 ҷойи нишаст сохта ба истифода дода шудааст. Ташкилотҳои пудратии кишвар дар ҳамин давра ба маблағи зиёда аз 1,18 миллиард сомонӣ корҳои сохтмонӣ анҷом додаанд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта қариб ним миллиард сомонӣ бештар аст.

БОЛОРАВИИ НАРХИ МАНЗИЛ

Бо вуҷуди рушди босуръати сохтмон, нархи манзил дар бозори кишвар баланд боқӣ мемонад. Ба ҳисоби миёна арзиши як метри мураббаи манзил дар Тоҷикистон тақрибан 5 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Аммо дар пойтахт вазъият тамоман дигар аст. Ба гуфтаи раиси Кумитаи меъморӣ ва сохтмони кишвар Низом Мирзозода, нархи миёнаи як метри мураббаъ манзил дар шаҳри Душанбе ба 8 ҳазору 207 сомонӣ ё тақрибан 877 доллар расидааст.

Дар дигар шаҳрҳои кишвар нархҳо нисбатан пасттаранд. Масалан, дар Хуҷанд нархи миёнаи як метри мураббаъ 5350 сомонӣ, дар Ваҳдат 5 ҳазор сомонӣ, дар Ҳисор 4650 сомонӣ, дар Турсунзода 4500 сомонӣ ва дар Кӯлобу Бохтар тақрибан 4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

САБАБҲОИ ГАРОНӢ


Талаботи зиёд ба манзил, гарони масолеҳи сохтмон ва арзиши баланди замин аз омилҳои асосии дар ҳолати баланд мондани нархи хонаҳо номида мешаванд.

Мутахассисон болоравии нархи манзилро ба чанд омил вобаста медонанд. Пеш аз ҳама, болоравии нархи масолеҳи сохтмонӣ яке аз сабабҳои асосӣ ба ҳисоб меравад. Бисёре аз масолеҳи сохтмонӣ, аз ҷумла арматура ва дигар мавод аз хориҷи кишвар ворид мешаванд, ки ба арзиши ниҳоии сохтмон таъсир мерасонанд. Омили дигар талаботи зиёд ба манзил мебошад. Солҳои охир аҳолии шаҳрҳо, бахусус Душанбе босуръат меафзояд. Муҳоҷирати дохилӣ аз деҳот ба шаҳрҳо ва инчунин, сармоягузории шаҳрвандон ба бозори манзил талаботро зиёд кардааст. Ҳамчунин, арзиши қитъаҳои замин дар шаҳрҳо, бахусус дар пойтахт баланд аст. Ин омил низ ба нархи ниҳоии хонаҳо таъсири худро мерасонад. Пас, саволе ба миён меод, ки оё нархи манзил поён меравад?

Бо вуҷуди афзоиши сохтмон, коршиносон ба ин назаранд, ки ояндаи наздик поинравии ҷиддии нархи манзил эҳтимоли кам дорад. Зеро талабот ба манзил ҳамоно баланд боқӣ мемонад ва харочоти сохтмон кам нашудааст. Инчунин, бозори манзил дар Тоҷикистон бештар хусусияти сармоягузорӣ гирифтааст. Бисёре аз шаҳрвандон хонаҳоро на барои зиндагӣ, балки барои нигоҳ доштани сармоя мехаранд. Ин омил ҳам ба ҳолати баланд мондани нархҳо таъсир мерасонад.

Ҳамин тариқ, дар Тоҷикистон ҳаҷми сохтмони манзил босуръат меафзояд, аммо ин раванд то ҳол ба коҳиши нархи хонаҳо оварда нарасонидааст. Болоравии харочоти сохтмон, талаботи зиёд ба манзил ва гарони замин аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки нархи манзилро дар сатҳи баланд нигоҳ медоранд.

Усмон РАҲИМЗОДА



ҶАЛАСАИ ЁЗДАҲУМИ ШУРОИ МИЛЛИИ СУБОТИ МОЛИЯВӢ

Дар Бонки миллӣ ҷаласаи ёздаҳуми Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуро) таҳти роҳбарии Раиси Шуро - вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон Абдураҳмонзода Абдураҳмон Сафаралӣ бо иштироки намояндаи Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарияти Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон баргузор гардид.

Дар оғози чорабинӣ мутобиқи рӯзномаи ҷаласа рафти иҷрои қарорҳои қабулгардидаи ҷаласаи даҳуми Шуро муҳокима карда шуда, гузориши масъулин оид ба вазъи молиявии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва рушди минбаъдаи фаъолияти он, қисматҳои асосии тавозуни пардохт, аз ҷумла содироту воридот, маблағгузории ҳисоби ҷорӣ ва ҳисоби молиявӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Дар рафти баргузории ҷаласа аъзои Шуро бо пешниҳоди рӯнамоҳо оид ба вазъи кунунии бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ ва роҳҳои ҳалли вусъатбахшии он, баррасии вазъи иҷрои Нақшаи чорабиниҳо оид ба иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон №586, аз 22-юми июни соли 2023 "Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ" дар вазорату идораҳо, инчунин муҳимияти Барномаи рушди иқтисоди рақамӣ дар равандсозии суботи молиявӣ муҳокимаронӣ анҷом доданд.

Дар ин раванд таъкид гардид, ки бо назардошти вазъи имрӯзаи иқтисодиёти ҷаҳон, махсусан шиддат гирифтани таҳримҳо миёни кишварҳои абарқудрат, номуайяниҳо дар бозори молиявӣ, зиёд шудани хавфҳои иқлимӣ ва идомаи дигар омилҳои берунӣ баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии самтҳои асосии фаъолияти бахшҳои молиявӣ, рушди фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок, вусъат додани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, рушди иқтисоди рақамӣ ва ҳамоҳангии зичи вазорату идораҳои калидӣ нақши муассир мебозад.

Дар охири ҷаласа бо мақсади дар ҳамоҳангӣ татбиқ намудани дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба рушди фарогиру устувори иқтисодӣ, коҳиш додани таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди миллӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосир дар бахшҳои молиявӣ ва дигар масъалаҳои муҳим қайд карда шуда, қарорҳои марбута дар самти рушди бозори коғазҳои қиматноки давлатӣ, вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар кишвар, рушди иқтисоди рақамӣ дар равандсозии суботи молиявӣ ва ғайра қабул гардиданд.

Қайд бояд кард, ки Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми байниидоравии доимоамалкунандаи машваратӣ буда, бо мақсади баррасии масъалаҳои таъмини суботи молиявӣ, ошкор намудани хавфҳо дар низоми молиявӣ ва пешниҳоди тадбирҳо баҳри коҳиш додани онҳо бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21-уми июни соли 2018, №331 таъсис дода шудааст.

МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ ГУРӮҲИ БОНКИ ҶАҲОНӢ

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ таҳти роҳбарии директори муассисаҳои молиявии IFC дар кишварҳои Ховари Миёна, Осиёи Марказӣ, Туркия, Покистон ва Афғонистон хонум Момина Айджазуддин мулоқот анҷом дод. Дар мулоқот масоили таҳкими ҳамкориҳои самарабахши дуҷониба, рушди бахши молиявӣ ва густариши дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои бахши хусусӣ, бахусус соҳибкории хурду миёна мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.




Раиси Бонки миллӣ зимни муаррифии вазъи макроиқтисодӣ ва нишондиҳандаҳои бахши бонкии кишвар, бо ишора ба ҳамкориҳои чандсолаи судманд бо Гурӯҳи Бонки Ҷаҳонӣ, бахусус бо IFC қайд намуд, ки муносибатҳои шарикона дар таҳкими устувории низоми бонкӣ, ҷорӣ намудани меъёрҳои муосири идоракунии корпоративӣ, такмили низоми идоракунии хавфҳо, рушди хизматрасониҳои молиявии рақамӣ ва густариши фарогирии молиявӣ нақши назаррас гузоштаанд.

Ҷонибҳо инчунин имконияти густариши ҳамкориро дар самтҳои таҳкими низоми комплаенс, маблағгузории соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла дастгирии соҳибкории занон, рушди молияи сабз ва устувор, рақамисозии хизматрасониҳои молиявӣ ва идоракунии хавфҳо баррасӣ намуданд.

Қайд гардид, ки татбиқи самтҳои зикршуда ба таҳкими устувории молиявӣ, густариши фарогирии хизматрасониҳои молиявӣ ва таъмини рушди пойдори бахши молиявии кишвар мусоидат хоҳад намуд. Ҷонибҳо дар анҷоми вохӯрӣ омодагии худро барои идомаи ҳамкории созанда ва самарабахш таъкид намуданд.

БОЛОРАВИИ РЕЙТИНГИ СОҲИБИХТИЁРИИ ҚАРЗИИ ТОҶИКИСТОН БА ДАРАҶАИ «B2» БО ДУРНАМОИ «УСТУВОР»



5-уми марти соли 2026 Агентии байналмилалии рейтингии “Moody’s Ratings” рейтинги дарозмуддати соҳибихтиёрии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба дараҷаи “B2” баланд бардошта, дурнамои онро “устувор” арзёбӣ намуд.

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2014 инҷониб бо агентии мазкур ҳамкорӣ дошта, ба сатҳи “B2” баланд гардидани рейтинги соҳибихтиёрӣ бори аввал ба қайд гирифта мешавад. Ин дастовард натичаи пайгиронаи татбиқи сиёсати мутавозини макроиқтисодӣ ва ислоҳоти сохторӣ дар кишвар арзёбӣ мегардад. Тибқи арзёбии агентии рейтингӣ, беҳтар шудани рейтинг аз дараҷаи “B3” ба дараҷаи “B2” пеш аз ҳама ба рушди устувори иқтисодии кишвар дар солҳои охир, таҳкими мавқеи молиявию буҷетӣ ва нигоҳ доштани нишондиҳандаҳои мусбати макроиқтисодӣ вобаста мебошад. Дурнамои “устувор” инъикоскунандаи интизориҳои мусбати агентии рейтингӣ нисбат ба идомаи сиёсати оқилонаи молиявию буҷетӣ ва ҳифзи суботи макроиқтисодӣ дар давраи миёнамуҳлат мебошад. Ҳамзамон, идомаи татбиқи ислоҳоти иқтисодию сохторӣ, коҳиш додани хавфҳои марбут ба устувории қарз ва таҳкими идоракунии молияи давлатӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба беҳтар гардидани арзёбии рейтинги кишвар мусоидат кардаанд. Баланд гардидани рейтинги соҳибихтиёрии қарзии кишвар бозгӯи эътимоди шариконӣ байналмилалӣ ва бозорҳои молиявӣ ба сиёсати макроиқтисодӣ ва суботи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, барои густариши имкониятҳои ҷалби сармоя, коҳиш додани арзиши қарзгирӣ ва таҳкими мавқеи кишвар дар арсаи молиявии байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам меорад.



«S&P GLOBAL RATINGS»


дурнамои рейтинги соҳибихтиёрии қарзии Тоҷикистонро ба сатҳи «мусбат» баланд бардошт

Агентии байналмилалии рейтингии “S&P Global Ratings” рейтинги дарозмуддати соҳибихтиёрии қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар дараҷаи «B/B» тасдиқ намуда, дурнамои онро аз сатҳи “устувор” ба “мусбат” тағйир дод.

Тағйири мусбати дурнамо ба омилҳои зерин, аз қабили таҳкими захираҳои байналмилалӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва беҳтар гардидани мукола ма бо шарикони байналмилалӣ вобаста мебошад. Ҳамзамон, афзоиши захираҳои байналмилалӣ имконият фароҳам оварда, ки ухдадориҳои кишвар оид ба хизматрасонии қарзи беруна саривақт иҷро гардида, фишори эҳтимолӣ ба тавозуни пардохт коҳиш дода шавад. Дар ин замина, ҷалби маблағгузории иловагии имтиёзнок аз ҷониби шарикони рушд низ ҳамчун омили мусоидаткунанда зикр мегардад.

Баланд бардоштани дурнамои рейтинг ба сатҳи “мусбат” нишондиҳандаи эътирофи пешрафтҳо дар самти идоракунии устувори макроиқтисодӣ, нигоҳдории интизоми молиявӣ ва таҳкими пояҳои иқтисоди миллӣ мебошад.

Шуъбаи матбуоти БМТ



ОН ЧӢ САРҲАДРО НАМЕПИСАНДАД

Порча аз китоби «Агар...»-и Шариф Ҳамдампур

БАХШИДА БА 80-СОЛАГИИ КОМПОЗИТОРИ МАЪРУФИ ТОҶИК, ҲУНАРПЕШАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН, БАРАНДАИ ҶОИЗАИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ РОМАН-ЗИНДАГИНОМАИ ШАРИФ ҲАМДАМПУР ТАҲТИ УНВОНИ “АГАР...” ДАР 320 САҲИФА БА ТАБЪ РАСИД.

«Агар..» ба таърихи рӯзгор ва фаъолияти эҷодии ду бастакори барҷаста – Зиёдулло Шаҳидӣ ва Толибхон Шаҳидӣ такя мекунад, аммо ҳадафаш танҳо бозгӯи воқеаҳо нест. Дар маркази он андеша дар бораи рисолат қарор дорад: чӣ гуна ҳунар метавонад аз доираи як истеъдод берун рафта, ба сарнавишти маънавии миллат табдил ёбад.

Ду шахсият, ки мусиқии суннатии якнавохти миллиро ба сатҳи тафаккури бисёроҳанги симфонӣ бардоштанд, дар ин китоб ҳамчун ду истгоҳ дар як роҳ падидор мешаванд. Пайванди мусиқии Шарқу Ғарб барои онҳо гуфтугӯи фарҳангҳост, ки ба шакл гирифтани мактаби хоси мусиқии тоҷик расонид.

«Агар...» китоби сукут ва садо, гуфтугӯи рӯҳонии падару писар аст. Саволи марказии он - «агар» тарозуи ботиниест, ки бо он инсон роҳи тайкардаашро месанҷад. Дар ин ҷо дастовардҳо ба ҳисоб гирифта намешаванд. Муҳим он аст, ки оё инсон ба вичдони худ содиқ мемонад ё не.

Ин китоб ба хулосае меорад, ки миллат танҳо бо хотира зинда наметавонад. Хотира, агар ба идома табдил наёбад, ба хомӯшӣ мегарояд. Зиндагӣ ва ҳунар танҳо дар идома маъно пайдо мекунанд, дар он лаҳзае, ки садои падар дар нафаси писар давом меёбад ва фарҳанг аз гузашта ба имрӯз пули маънавӣ месозад.

Падар, дар солҳои душвори 90-ум ман аз кори эҷодӣ даст накашидам. Агар росташро гӯям, он солҳо даст кашидан ҳам кори осон набуд. Ҳама чиз чунон зуд фурӯ мерехт, ки агар каме суст мешудӣ, туро ҳам бо худ мебурд. Ман қарор додам, ки ба заифӣ роҳ надиҳам. Баръакс, кӯшиш кардам холигиро пур кунам. На бо шиор, на бо суханҳои тумтароқ, балки бо кор. Бо оҳанг.

Ман худро вазифадор ҳис мекардам, ки такягоҳ шавам барои он оҳангсозоне, ки ҳанӯз дудила буданд. Онҳое, ки чипта дар ҷайб доштанд, вале дил аз Тоҷикистон канда наметавонистанд. Онҳо меомаданд, менишастанд, менавохтанд, шикоят мекарданд, баъзан механдиданд, баъзан қаҳр мекарданд.

Ман ба онҳо мегуфтам: «Ҳоло нарав, як асари дигар навис, баъд мебинем». Баъзеҳо монданд. Баъзеҳо рафтанд. Ҳамаро наҷот додан имкон надошт, аммо кӯшиш кардан лозим буд. Чун агар худат бовар надошта бошӣ, дигарон чӣ гуна бовар кунанд?

Дар ҳамин миён, дар солҳои 1989 то 1994 ман чанд асар офаридам, ки худи онҳо гӯё ҷавоб ба замон буданд. Се операи бачагона – «Халифи Лаклак», «Паканаи бинипучук», «Нозанин ва албастӣ» ва балети якпардагии «Сиёвуш» аз рӯйи достони Абулқосим Фирдавсӣ. Баъзеҳо мепурсиданд: «Дар ин замони ҷанг, гуруснагӣ, тарс операи бачагона барои чӣ?».

Ман механдидам ва мегуфтам: «Маҳз барои ҳамин». Зеро агар кӯдак танҳо тир ва ғам бубинад, фардо аз ӯ чӣ мемонад?

Ростӣ, дар бораи эҷодиёти бисёр ҳамкасбон дар он солҳо кам гуфта метавонам. На аз он сабаб ки онҳо кор накарданд, балки аз он сабаб ки замон ба ҳисобот мувофиқ набуд. Ҳисоботро ё нон иваз карда буд, ё роҳҳати сафар.

Дар ҳамин солҳо, андеша дар бораи дигаргуниҳои харобовари олам ва «корнамоӣ»-ҳои аҳли башар маро водор кард, ки комилан ба ҷустуҷӯҳои эҷодии худ ғӯтта занам. Ман, чунонки мегӯянд, ба синни балоғати фикрӣ расидам. Камтар нола, бештар нота.

Камтар шикоят, бештар партитура. Ман бекор нанишастам, падар. Шумо маро меҳнатқарин тарбия карда будед ва ман ҳамон хел мондам.

Ҳисобот ҳам дорам, падар. Консерт барои скрипка ва оркестри камерагӣ (1993), консерти №3 барои фортепиано бо ҳамовозии оркестр (1994), «Ҳофизнома» (1995), «Concerto Grosso» №1 (1997) ва №2 (1998), «Capriccio» барои саксофон ва оркестри камерагӣ (1999), Операи «Амир Исмоил» (1999), «Таманнои накӯӣ» — силсилаи вокалӣ, «Silk Road Dreams Dancing» - септет (2000), «Adagiomemoru» (2002) барои оркестри торӣ. Ин рӯйхат ба назар хушк менамояд, вале пушти ҳар ном шабҳои бедорхобӣ, сардиҳо, бебарқиҳо ва қаҳваи беқанди зиёд меистад.

Ин асарҳо дар фестивалҳои байналмилалӣ иҷро шуданд. Дар Маскав, Лондон, Париж, Техрон, НюЙорк, Бостон, Вена, Карлсруэ, Токио, Стокголм, Монако, Хайфа, Прага, Любяна, София, Белград, Санкт-Петербург, Қазон, Тошканд... рӯйхат калон. Зарурат ба номбар кардани ҳамаи онҳо нест.

Баъзан худам ҳайрон мешудам: чӣ тавр асаре, ки дар шароити беобу барқ навишта шудааст, дар толори бароҳати хориҷӣ садо медиҳад? Дунё аҷиб аст, падар. Баъзан мусиқӣ аз паспорт дида, роҳкушо аст.

Операи «Амир Исмоил» ба муносибати 1100-солагии таъсиси Давлати Сомониён навишта шуд. Ман бо рӯҳбаландии калон ба ин кор оғоз кардам. Бори аввал баъди муддати дароз эҳсос кардам, ки замон ҳам мехоҳад бунёд кунад, чизе аз худ боқӣ гузорад.

Кор бо аҳли ҳунари Театри опера ва балети ба номи С. Айнӣ бароям қаноатмандии бузург овард. Албатта, шароит идеалӣ набуд: овозҳои ҳайати дуюм намерасид, касе бемор, касе рафта, касе дудила. Вале ба ҳар ҳол, мо операи нав омода кардем. Ин худ як навъ муъҷиза буд.

Дар ин кор хизмати коргардон Барзу Абдураззоқов хеле калон буд. Ӯ пештар ба таҳияи опера даст назада буд, вале вақте ба кор даромад, чунон саргарм шуд, ки гӯё тамоми умр ҳамин корро мекардааст. Кор кардан бо ӯ осон буд. Ҳатто хеле осон. Ҳунармандон ҳам, ба назари ман, бори аввал баъди муддате бо шавқу ҳаваси том ба кор часпиданд. Гӯё ҳамаашон эҳсос карда буданд: агар ҳоло кор накунем, фардо дер мешавад.

Азбаски опера супориши давлатӣ буд, шароит муҳайё шуд. Ғояи миллӣ, таърих, сулҳ, бунёдкорӣ - ҳамааш иҷозат дошт. Роҳи сафед боз буд. Ва ростӣ, дар дили мо эҳсосе пайдо шуд, ки шояд акнун ҳамеша ҳамин тавр мешавад. Ин эҳсос хатарнок аст, падар. Чун он одатан дер намепояд.

Дар опера ман ду оҳанги шуморо истифода бурдам. Ва ҳамин кор барои баъзе мусиқишиносоне, ки аз зери нохун чирк мекобанд, фоҷиа буд. Танқид сар шуд. На мусиқӣ, балки ниятро муҳокима карданд.

Ба ҷойи суол - гумон. Ба ҷойи баҳс - овоза. Ман ҳам фикр кардам: агар чизе гуфтанӣ доранд, чаро дар конфронс, симпозиум, фестивал намегӯянд? Бо думи гурбаат кач гуфтан, думи гурба рост намешавад. Суханони онҳо, ба ном мунаққиду ходими фарҳанг, на баҳс буд, балки неш, на таҳлил, балки овоза буд, ба ҷойи гуфтугӯи ошкор фазои эҷодро бо шубҳа ва тарс пур мекарданд.

Ҳамин фазо буд, ки ҳама кӯшишҳои гузаронидани консертҳо, озмунҳо, фестивалҳо бо нокомӣ анҷом меёфт. Иттифоқи оҳангсозони Тоҷикистон, ки бояд такягоҳ мебуд, нуфузи худро аз даст дод. На аз камбуди истеъдод, балки аз зиёдатии кина, хастагӣ ва бесамтӣ.

Вале ман ҳамон чизеро, ки метавонистам, кардам. Навиштам. Эҷод кардам. Зеро дар он замон ягона шакли муқовимати ман ҳамин буд. Ва шояд ҳамин ҳам кофӣ буд, то симфония пурра хомӯш нашавад.

Ҳоло ман як чизро хуб дарк мекунам: фарҳанг ҳатто вақте заиф мешавад, намемирад. Он танҳо шакл иваз мекунад, ба дарун меравад, интизор мешавад. Ва вазифаи мо шоҳидон ва иштирокчиён иборат аз он аст, ки онро аз хотира берун рафтан нагузорем.

Зеро агар хотира зинда монад, мусиқӣ дер ё зуд боз садо медиҳад.




Аҳмад Бобоқулов, Расул Ҳодизода, Шоиста Муллоҷонова, Мирсаид Миршакар, Зиёдулло Шаҳидӣ ва Барно Исҳоқова

Мирсаид Миршакар,
Шоири халқии Тоҷикистон

Азизам, Толибхон Шаҳидӣ!


Ин саҳар «Рубоиёти Хайём»-ро, ки офаридаи Шумо аст, бо камоли хушнудӣ тамошо кардам. Вақте ки намоиш ба поён расид, дар дил ба Шумо ҳазорон аҳсану офарин гуфтам. «Рубоиёти Хайём» бояд сазовори шуҳрати бузург гардад, зеро Шумо тавонистед аз ганҷинаи фарҳанги ҷаҳонӣ устодона ва бо завқи баланд баҳра баред. Муваффақияти эҷодии устодони мо – Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ ва Мирзо Турсунзода низ дар ҳамин тавони пайванди миллӣ ва ҷаҳонӣ нуҳуфтааст. Бешубҳа, ин асари Шумо аз беҳтарин намунаҳои мусиқии муосири тоҷик аст. Ҳар касе, ки ин ҳақиқатро эътироф накунад, бар ҳолаш афсӯс бояд хӯрд.



Роман ЛЕДЕНЁВ,
оҳангсоз, профессори Консерваторияи давлатии Маскав ба номи П. И. Чайковский

Мусиқии Толиб Шаҳидӣ бисёрқабата аст. Он ба манбаъҳои гуногун рӯ меорад: аз афсонаҳои кӯдаконаи Вилгелм Гауф бо ангезаҳои шарқӣ ва ривоятҳои миллӣ то рӯйдодҳои фоҷиабори 11-уми сентябри соли 2001 дар Ню-Йорк.

Толиб Шаҳидӣ оҳангсози бисёр ҷиддӣ аст, ки дорои имкониятҳои фаррох барои офаридани мусиқии арзишманд ва тоза мебошад ва ҳеҷ гоҳ ба худ роҳ намедиҳад, ки танҳо бо такя ба ҳунарварӣ ва аз худ кардани техникаи таъсирбахш тариқи осони ба қалби шунаванда роҳ ёфтанро интихоб кунад.




Владимир КОЖУХАР,
дирижёр, Ҳунарпешаи халқии Русия

Муҳтарам Толибхон Шаҳидӣ!

Бо камоли хушнудӣ ҳамкории пурбаракати эҷодии худро дар рӯзҳои сабти мусиқии зебои Шумо - балети «Юсуф ва Зулайхо» ва достони «Тоҷ-Маҳал» ба ёд меорам. Ба Шумо саломатии қавӣ орзу менамоям, ҳамчунин ба Шумо ва мусиқии Шумо умри дароз таманно дорам.

28.02.2020



Владислав АГАФОННИКОВ,
Ҳунарманди халқии ФР, барандаи ҷоизаҳои давлатии Федератсияи Русия, профессори Консерваторияи давлатии Маскав, оҳангсоз

Ман аз Толиб сипосгузорам, ки ба ман гӯё сӣ соли дигар ато кард! Аз ҳамон замоне, ки асари “Ҷашнвора”-и ӯро дар Братислава шунидам. Он вақт мо ин асарро ҳамроҳ бо оҳангсози маъруфи чех Иля Зелёнка гӯш мекардем. Ӯ гуфт: “Ин оҳангсози барҷаста аст”. Ва воқеан ҳам чунин аст. Бояд бигӯям, ки мусиқии Толибро на танҳо дар Русия ва Тоҷикистон, балки дар саросари ҷаҳон дӯст медоранд ва қадр мекунанд. Ман ба мусиқии ӯ - мусиқии пуршӯру баландпарвоз ояндаи дурахшон орзу менамоям.



Карэн ХАЧАТУРЯН,
оҳангсоз, Ҳунарманди халқии ФР, барандаи Ҷоизаи давлатии ИҶШС

... Зиёдулло Шаҳидӣ - донандаи барҷастаи мусиқӣ ва шеър, оҳангсозу шоири дурахшону худрӯй тавонист беҳтарин суннатҳои ҳунарии халқҳои Шарқро дар осори худ таҷассум бахшад ва рушд диҳад. Ин вижагиҳо дар чунин асарҳои ӯ, чун операи “Комде ва Мадан”, “Симфонияи Мақомҳо” ва романси бошукӯҳи “Оташи ишқ” ба равшанӣ таҷаллӣ ёфтаанд.

Володя КАБАНОВ,
композитор

Ба ёдгорӣ аз он рӯзгоре, ки мӯйҳои ту ҳанӯз комилан сиёҳ буданд ва атрофиён ҳанӯз намедонистанд, ҳарчанд ҳадс мезаданд, ки ту сарвати фарҳанги ҷаҳонӣ ҳастӣ!

3-юми июни соли 2006

Толибу Шахиди
к 60-летию
На память о том
времени, когда твои
волосы были совсем
черными, а окружающие
еще не знали, хотя и
догадывались, что
ни евляешься
достоянием
мировой культуры.
Володя Кабанов
В. Х
3 июня 1980
г. Москва.




Дмитрий ШОСТАКОВИЧ,
композитор, Ҳунарпешаи мардумии ИҶШС

Дорогому товарищу Шахиди на добрую память.
13. XII.1974



Толибхон Шаҳидӣ, Валерий Гергиев, Хофиз ва Табриз Шаҳидӣ



Талантливому Толибу Шахиди, с пожеланием успешной творческой работы в его незаурядной профессии
Арам Хачатурян 19/V-70 г. Москва

ОРГАНИЗАТОРАМ, УЧАСТНИКАМ, ГОСТЯМ
ТАДЖИКСКОГО РЕСПУБЛИКАНСКОГО
КОНКУРСА ПИАНИСТОВ ИМЕНИ СЕРГЕЯ ПРОКОФЬЕВА

Дорогие друзья!

Сердечно приветствую вас в дни Первого Таджикского республиканского конкурса пианистов, посвященного 100-летию великого русского композитора Сергея Сергеевича Прокофьева.

Проведение такого конкурса в Таджикистане свидетельствует о многом. Во-первых, о том, как выросла профессиональная музыкальная культура; во-вторых, еще раз доказывает, что музыка не знает границ — ни политических, ни географических, ни национальных.

Мне, как младшему современнику Сергея Сергеевича Прокофьева, чье творчество я с благоговением воспринимаю всю жизнь, особенно приятно приветствовать и напутствовать вас — учеников, студентов и педагогов из Таджикистана, пополнивших число поклонников гения Прокофьева.

В Таджикистане много талантливых композиторов. И отрадно, что их произведения, наряду с сочинениями Прокофьева, будут звучать в вашем исполнении в конкурсных программах.

Желаю вам, дорогие друзья, радости от участия в конкурсе имени Прокофьева, доброго здоровья, счастья, вдохновенного творческого труда.

Тихон Хренников

1990

Валерий ГЕРГИЕВ,

дирижёр, Ҳунарманди мардумии Русия, директори генералии "Большой театр»

Орзу дорам асархои бастакорони имрӯз дар қайди ҳаёт бударо навозам ва албатта, имкони чунин ҳамкорӣ бо Толиб Шаҳидӣ маро хеле шод мегардонад. Қадами баъдӣ ин аст, ки чанд асари ӯро дар консертҳо назди шунавандагон зинда пешкаш намоям.

Тоҷикон фарҳанги бисёр кӯҳану ғанӣ доранд.

Тоҷикон ва осетинҳо дар гузаштаи дур решаҳои муштарак доштанд. Аз ҳамин сабаб мусиқии Толиб Шаҳидӣ ба ман бисёр наздик аст, зеро ман низ аз таърих ва фарҳанги бостонии миллати худ огоҳӣ дорам.



Мансуров Ҳомид Ҳусейнович,

академик

Толиб Зиёдуллоевичи мухтарам!

Мусиқие ҳаст, ки ба бисёриҳо, новобаста аз миллат ва синну сол, лаззат мебахшад. Ин мусиқии классикии опера мебошад. Мехоҳам мушоҳидаеро дар бораи писари худам ба сифати мисол биёрам. Маро бисёр нигарон мекард, ки ӯ вақти холиро дар гӯш кардани рок, хеви-метал ва амсоли инҳо мегузаронд. Ӯ садои мусиқиро баланд гузошта, гӯш мекард. Ҳатто ба ҳаяҷон меомад, зуд хаста мешуд ва баъзан андаке хашмгин мегашт.

Вақте ки ман ба ӯ сабтҳои мусиқии классикии Шуморо пешниҳод кардам, вазъият ба таври куллӣ тағйир ёфт. Ӯ бо камоли майл онҳоро гӯш мекард ва бо ин амал ба ман низ лаззати бузург мебахшид.



Денис МАТСУЕВ,

Ҳунарманди халқии Русия, барандаи Ҷоизаи давлатии Русия, пианинонавоз

Толибхон Шаҳидӣ оҳангсози бузург ва нотакрор аст, ки таҳсилашро дар Консерваторияи давлатии Маскав дар назди Арам Хачатурян ба поён расонидааст. Дар мусиқии ӯ рангу лаҳни нодири миллӣ ба равшанӣ эҳсос мешавад. Ин шахс соҳиби истеъдоди бузурги мелодикӣ мебошад, ки он дар репертуари фаррохи эҷодиаш хеле барҷаста зоҳир мегардад; репертуаре, ки дар он ҳам симфонияҳо ҳастанд, ҳам операҳо, ҳам консертҳо барои фортепиано ва ҳам мусиқӣ барои театр ва синамо.

Мусиқии ӯро дирижёрҳо ва оркестрҳои машҳур, аз чумла Валерий Гергиев ва Оркестри симфонии Лондон иҷро мекунанд. Ман бисёр хушҳолам, ки шарафи шиносоии шахсӣ бо ӯро дорам.



Заррина МИРШАКАР,

оҳангсоз

Толиби азиз!

Солгарди бошукӯҳи туро самимона табрик мегӯям!

Мусиқии ту аллакай солҳои зиёд дар саҳнаҳои ҷаҳон садо медиҳад ва осори дурахшону рангини туро муаррифӣ мекунад, ки дар онҳо суннатҳои миллӣ бо дастовардҳои мактаби ҷаҳонии оҳангсозӣ ба ҳам омехтаанд. Эҷодиёти ту «симои мусиқии» Тоҷикистон аст!

Ин солгарди ҳаштодсолагӣ аз хирадмандӣ, камолоти эҷодӣ ва нерӯи бузурги рӯҳии ту гувоҳӣ медиҳад. Ба ту саломатии қавӣ, хушбинӣ, фаровонӣ ва шодмонӣ дар ҳар рӯзи зиндагӣ орзу дорам! Ва, албатта, мунтазири асархои нави дурахшони ту ҳастем.

Мавлуд муборак!



ЗИНДАГӢ ДАР КАНОРИ НОБИҒА

ДАР АРАФАИ ҶАШНИ 80 СОЛГАРДИ БАСТАКОР ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ ҲАМСАРАШ НАВИСАНДА ГУЛСИФАТ ШАҲИДӢ АЗ ЗИНДАГИИ МУШТАРАК - МУҲАББАТ, ТАҲАММУЛ ВА РӮЗГОР ДАР КАНОРИ ҲАМСАРИ НОБИҒААШ ЁДОВАР ШУД.



Ҳофиз ШАҲИДӢ

Падари ман Толибхон Шаҳидӣ барои ман мактаби воқеии зиндагӣ, мактаби андеша ва ҷустуҷӯи маънавӣ аст.

Барои ӯ мусиқӣ танҳо ҳунар, пеша ё василаи ифодаи фикр нест. Мусиқӣ барои ӯ роҳест ба сӯи шинохти инсон, олами ботинии ӯ ва асрори ҳастӣ. Дар осори ӯ ҳамеша оромиш, сабру таҳаммул, амиқии андеша ва як навъ рӯҳонияти хос эҳсос мешавад, гӯё ҳар нота нишоне аз ҷустуҷӯи тӯлонии ботиниро дар худ дорад.

Мусиқии падари ман шунавандаро водор месозад, ки ба даруни худ гӯш бисупорад, дар миёни шитобу ошуфтагии рӯзгор лаҳзае таваққуф кунад ва дар бораи маънии зиндагӣ биандешад. Он ба инсон ёрӣ медиҳад, то ба он суолҳое посух ёбад, ки гоҳе ҷуръати ба забон овардани онҳоро надорад. Ин танҳо садо нест, ин гуфтугӯест миёни инсон ва абадият.

Аз ҳамин ҷост, ки эҷодиёти ӯ аз доираи як асари одии ҳунарӣ фаротар меравад. Шояд маҳз ҳамин маънӣ сабаб шудааст, ки ӯ ба ашъори Умари Хайём, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва дигар андешамандони бузурги суннати маънавии тоҷикӣ-форсӣ рӯй оварад. Дар байтҳои онҳо ӯ ҳамсадоии андешаҳои худро дар бораи зиндагӣ, замон ва сарнавишти инсон меёбад. Барои ӯ мусиқӣ ҳамеша ҷустуҷӯи маънии пинҳон будааст, талоше барои шунидани ҳақиқат паси ҳар нота ва ошкор сохтани он дар умқи ҳар садо.

Дар арафаи 80 солагии ҳамсарам Толибхон Шаҳидӣ аз идораи ҳафтаномаи "Тоҷикистон" аз ман хоҳиш карданд, ки ин сатрҳоро рӯйи коғаз оварам. Ростӣ, дӯст намедорам, ки дар бораи зиндагии оилавии худ ошкоро сухан гӯям. Оила, хона қалъаи ман ҳастанд. Дар бораи бурду бохтам дар зиндагӣ танҳо ба одамони хеле наздик қисса мекардам. Дар оила зани сахтгир будам, интизом бароям муҳимтар аз ҳама буду ҳаст.

Дар матбуот дар бораи шавҳар, фарзандон ва зиндагии оилавиам камтар сухан мегӯям. Шавҳарам шахсияти ҷамъиятист. Дар бораи ӯ, эҷодаш дар расонаҳо маълумоти зиёде метавон пайдо кард. Ӯ низ одатан кӯшиш мекунад, ки аз суҳбат дар бораи оила худро канор гирад ва мавзуи гуфторро ба мачрои мусиқӣ равона созад.

Ману Толибхон беш аз панҷоҳ сол аст, ки зиндагӣ мекунем. Се писар ва сенздаҳ набера дорем, ки онҳо маънии зиндагии моянд.

Бисёре аз онҳое, ки маро аз наздик намешиносанд, гумон мекунанд «гаҳвораи ман аз осмон афтода бошад». Гӯё ман ифтихор аз он дошта бошам, ки духтари вазири савдои ҷумҳурӣ, ҳамсари бастакори номдор ҳастам. Аммо воқеият чунин нест. Ман дар оилаи донишҷӯ ба дунё омадам. Падарам дар Санкт-Петербург таҳсил мекарданд, модарам бо он кас буданд ва ман дар ҳамон ҷо, дар як шаби сарди Соли Нав ба дунё омадам. Падарам маро «Ленинградкаи ман» ном мебурданд. Он кас баъдтар вазири савдо шуданд. Вақте ки ман ба шавҳар баромадам, аллакай вазир набуданд. Шавҳари ояндаи ман низ он вақт ҳамагӣ фориғтаҳсили Консерваторияи Москва, нав аз хизмати ҳарбӣ баргашта буданд. Шуҳрат баъдтар омад. Мо ба қуллаҳои зиндагӣ якҷоя баромадем.

Ба назари ман, ҳар касе, ки зиндагиаш солҳои дароз дар канори як шахси эҷодкор ва соҳибистеъдод сипарӣ шудааст, хуб медонад ин чӣ рӯзгорест. Бибиам Марфуахон набераи нигаҳдори мухри амири Бухоро буданд. Маҳз он кас ба ман сабр, модарам Масрурахон муҳаббат омӯхтанд. Хушдоманам Марҳабохон бароям намунаи хирад ва шараф буданд. Аммо бештар аз ҳама худи зиндагӣ маро омӯзонд.

Агар модарам намебуданд, эҳтимол донишгоҳро ба анҷом намерасонидам. Ман аз курси сеюм ба шавҳар баромадам ва ду писари маро маҳз модарам ба воя расониданд. Аммо, афсӯс, умри модарам кӯтоҳ буд. То имрӯз худро маломат мекунам, ки бештар дар бораи таҳсил ва ояндаи худ фикр мекардам, на дар бораи саломатии он кас. Дар назди Худованд тавба мекунам ва аз модарам бахшиш мехоҳам.

Пас аз вафоти модарам падарам дигар издивоҷ накарданд. Баъдтар писари сеюмам ба дунё омад. Ҳамин тавр шуд, ки дар оила ягона зан будам. Ман то охири умр падарамро нигоҳубин кардам. Толибхон худро ба мусиқӣ бахшида буданд, фарзандон камол меёфтанд, таҳсил мекарданд ва тамоми бори рӯзгор бар дӯшам афтода буд. Ман мефаҳмидам: агар фарзандонро дуруст тарбия кунам, на танҳо бори зиндагиам сабук мегардад, балки корам низ пеш меравад.

Ва ин ба ман муяссар гардид. Имрӯз писаронам Табриз, Ҳофиз ва Фирдавсхон болҳо, такягоҳ ва пуштибонам ҳастанд. Танҳо Худо медонад, ки ман чиҳоро аз сар гузаронидам. Аммо онҳоро худам медонаму худои болои сарам. Ман бовар доштам, ки тақдири инсон дар бисёр маврид дар дасти худи ӯст.

Толибхон муттакои ман буданд. Ҳам аз нигоҳи маънавӣ ва ҳам рӯҳан. Худо ба он кас истеъдоди бузург додааст ва ман мефаҳмидам, ки бояд барои ҳифз ва рушди ин неъмат ба ӯ мадад кунам. Ин дарк аз аввал пайдо шуд, ҳарчанд дар оғози зиндагӣ барои як зани хеле ҷавон осон набуд. Аммо зиндагӣ маро қавӣ кард ва ба ман омӯхт, ки аз душвориҳо наҳаросам.



Писарони Толибхон Шаҳидӣ: Табриз, Ҳофиз ва Фирдавсхон

Имрӯз ман низ дар ҷодаи эҷод қарор дорам, нависанда ҳастам. Китобҳоям ба шаш забон нашр шудаанд, як қатор ҷоизаҳои миллӣ ва байналмилалӣ гирифтаам. Ҳунари нависандагиро низ то андозае аз Толибхон омӯхтам. Ӯ шаб то саҳар мусиқӣ эҷод мекард ва ман низ шабҳоро дар канори ӯ рӯйи коғазу қалам рӯз мекунам.



ОҲАНГСОЗЕ, КИ МУСИҚИИ ТОҶИКРО БА САҲНАИ ҶАҲОН БУРД



Қудратуллоҳ Яҳёзода,
Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи А. Рӯдакӣ, профессор

«МУСИҚИИ ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ БО НАЗМИ КЛАССИКИИ ТОҶИКУ ФОРСӢ ҲАМСАДО БУДА, ДАР ОН ЭҲСОСОТИ ЗАМИНӢ ВА АНДЕШАҲОИ ОСМОНӢ ПАҲЛУИ ҲАМ МЕИСТАНД».



СОЛИ 2026 БАРОИ ФАРҲАНГИ ТОҶИКИСТОН САНАИ МУҲИМ АСТ. БАСТАКОРИ МАЪРУФ, ҲУНАРПЕШАИ ХАЛҚИИ ТОҶИКИСТОН ТОЛИБХОН ШАҲИДӢ БА СИННИ МУБОРАКИ 80 МЕРАСАД. ИН СОЛГАРДИ ЯК ШАХСИЯТИ БАРҶАСТАИ МУСИҚӢ, ФАРЗАНДИ АРЗАНДАИ МИЛЛАТ ВА ЭҶОДКОРИ САТҲИ ҶАҲОНӢ МЕБОШАД, КИ ОСОРАШ НА ТАНҲО ДАР ТОҶИКИСТОН, БАЛКИ ДАР САҲНАҲОИ БОНУФУЗИ ҶАҲОН САДО МЕДИҲАД.

Толибхон Шаҳидӣ барои ман танҳо як композитори маъруф нест. Ӯ дӯсти дерина, ҳамрадифи айёми ҷавонӣ ва ҳамсафари роҳи эҷодӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҳар боре, ки дар бораи ӯ сухан мегӯям, пеши назарам на танҳо чеҳраи устоди мусиқӣ, балки симои инсони самимӣ ва ҷӯяндаи ҳақиқӣ пеш меояд.

Мо ҳар ду дар як маҳалла ба воя расидаем, аммо дар кӯдакӣ чандон ошно набудем. Шиносоии мо баъдан, ҳангоми таҳсил дар Омӯзишгоҳи мусиқии Душанбе сурат гирифт. Устод Зиёдулло Шаҳидӣ ба ман маслиҳат доданд, ки ҳуҷҷатҳоямро ба ин боргоҳи ҳунар супорам. Ҳамин тавр, ман донишҷӯи омӯзишгоҳ шудам ва дар он ҷо бо Толибхон ҳамкурсу ҳамсафари эҷодӣ гардидем.

Дар омӯзишгоҳ мо таҳти роҳбарии устодони номдор – Ю. Г. Тер-Осипов, М. Светаев, М. Атоев ва Г. Александров таҳсил мекардем. Ин давра барои мо мактаби воқеии ҳунар буд.

Ҳар субҳи барвақт ман бо Толибхон ва Заррина Миршакар соати панҷи саҳар ба омӯзишгоҳ меомадем. То оғози дарсҳо дар синфхонаҳои мусиқӣ тамрин мекардем. Барои истифодаи пианино ҳатто навбат меистодем, зеро ҳар кас мехост бештар машқ кунад. Ин шавқу ҳаваси омӯзиш барои мо як мактаби ҳақиқии эҷодӣ гардид.

Сипас мо ба Маскав рафтем. Толибхон аввал дар синфи Сергей Баласанян таҳсил кард, баъдан назди Андрей Эшпай ва ниҳоят назди устоди бузург Арам Хачатурян. Барои ӯ шогирди чунин устоди барҷаста шудан бахти бузург буд.

Дар ҳамин давра симои эҷодии Толибхон ҳамчун композитори ҷавони навҷӯ шакл гирифт. Ӯ асарҳои зиёдеро дар жанрҳои гуногуни мусиқии касбӣ эҷод намуд. Яке аз онҳо асари «Мақом барои оркестри торӣ ва фортепиано» буд, ки дар озмуни байналмилалии оркестрҳои камеравии донишҷӯён садо дода, таваҷҷуҳи шунавандагонро ба худ ҷалб кард.

Дар солҳои таҳсил мо дар муҳити эҷодии Маскав зиндагӣ мекардем. Дар хобгоҳи Консерваторияи давлатии Маскав аксар вақт донишҷӯёни тоҷик ҷамъ мешуданд. Дар он ҷо суҳбатҳо, баҳсҳои эҷодӣ ва орзуҳои бузурги ҷавонӣ моро муттаҳид мекарданд.

Устод Хачатурян ҳамеша моро ба ҷустуҷӯи роҳи хоси худамон дар мусиқӣ ташвиқ мекард. Ӯ мегуфт, ки ҳар як композитор бояд «ман»-и эҷодии худро пайдо кунад. Ин суханон барои Толиб Хон Шаҳидӣ роҳнамои муҳим гардиданд. Ӯ тавонист дар жанрҳои гуногуни мусиқии касбӣ асарҳои пурмазмун ва амиқ эҷод намояд.

Дар байни онҳо симфонияҳо, операҳо, балетҳо, консертҳо барои созҳои гуногун, мусиқӣ барои театр ва кино ҷойгоҳи муҳим доранд. Симфонияҳои «Тоҷикон», «Абуалӣ Сино», «Мақомот», достони симфонии «Садо» ва бисёр асарҳои дигар аз намунаҳои барҷастаи мусиқии муосири тоҷик маҳсуб меёбанд.

Дар жанри опера низ ӯ асарҳои ҷолиб офаридааст. Аз ҷумла, операҳои «Посбони оташ», «Амир Исмоил», инчунин як қатор операҳои кӯдакона - «Халиф-Лаклак», «Моҳрӯй ва Аждаҳо», «Себҳои сеҳрнок» ва «Биникӯтала».

Мавқеи муҳимро дар эҷодиёти ӯ балетҳо ишғол мекунанд. Балетҳои «Спитамен», «Юсуф ва Зулайхо», «Рубоиёти Хайём», «Сиёвуш», «Форс: қиссаи ишқи абадӣ» ва дигар асарҳо аз дастовардҳои назаррасии мусиқии саҳнавии тоҷик ба шумор меравад.

Бастакор аз ганҷинаи мусиқии халқӣ илҳом мегирад. Дар увертюраҳои «Идона» ва «Тоҷикистон» ӯ аз оҳангҳои мардумӣ бо маҳорати баланд истифода бурдааст.

Имрӯз асарҳои Толибхон Шаҳидӣ дар толорҳои бонуфузи ҷаҳон садо медиҳанд. Онҳоро дирижёрҳо ва навозандагони машҳури ҷаҳон ичро мекунанд. Мусиқии ӯ дар ИМА, Аврупо, Русия, Эрон, Туркия ва бисёр кишварҳои дигар шунида мешавад.

Дар тӯли фаъолияти эҷодии беш аз панҷоҳсола ӯ тавонист дар фарҳанги мусиқии муосир ҷойгоҳи хоси худро пайдо кунад. Осораш бо навоварӣ, рангорангии оҳангҳо ва эҳсоси амиқи инсонӣ фарқ мекунанд.

Дар охир мехоҳам ба ӯ чунин бигӯям: бигзор он қанотҳое, ки бо меҳнату истеъдоди худ дар осмони мусиқӣ ба даст овардай, туро ба парвозҳои боз ҳам баландтар расонанд.



Камолиддин САЙФИДДИНЗОДА,
директори Театри давлатии академии опера ва балети Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

ИФТИХОРИ ҲАМКОРӢ

Барои театри мо ҳамкорӣ бо Толибхон Зиёдуллоевич ҳамеша қадам гузоштан ба сатҳи нави ҳунарист. Дар давраи роҳбарии ман ба репертуари театр балетҳои монументалии он кас ворид шуданд, ки ба нишони шинохти балети муосири тоҷик табдил ёфтаанд: «Сюитаи руъёҳо» таҷассумгари нозукӣ ва рамзияти мусиқӣ; «Форс: қиссаи ишқи ҷовидона» асари бошукӯҳе, ки решаҳои мо ва арзишҳои абадиро васф мекунад; «Пирях» асаре дорои аҳамияти байналхалқӣ мебошад.

Ин балет на танҳо як рӯйдоди зебошиносӣ, балки баёнияи пуриқтидори ҳунарӣ дар пуштибонии ташаббуси ҷаҳонии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба ҳифзи пиряхҳо гардид. Мусиқии Маэстро дар ин саҳнагузорӣ ҳамчун нидо барои наҷоти зебоии нозуки сайёраи мо садо медиҳад.

Толибхон Шаҳидӣ устодест, ки андешаи эҷодиаш марз намешиносад.

МУСИҚИИ Ӯ ГУФТУГӮИ ДАВРУ ЗАМОНҲОСТ, КИ ДАР ОН ҶИДДИЯТИ СИМФОНИЯИ КЛАССИКӢ БО РАНГУ ҶИЛОИ НОЗУКИ ШАРҚ ҲАМНАВО МЕГАРДАД.

Ҳамзамони чунин эҷодкор будан ифтихори бузург аст. Эътибори байналмилалии ӯ, ҳамкорӣ бо оркестрҳои пешбари ҷаҳон ва эътироф дар саҳнаҳои бузурги олам моияи ифтихори тамоми миллат аст. Толибхон Зиёдуллоевич исбот намуд, ки фарҳанги мусиқии тоҷик забони умумибашарист, ки дар ҳар гӯшаи ҷаҳон фаҳмо ва пазируфта мешавад.



АЗ КИТОБИ СЕНДИ ГАЛЛ «НАПОЛЕОНИ АФҒОНИСТОН»

КУДАТОИ НОФАРҶОМ

(Идома аз шумораҳои гузашта)

Дидгоҳҳои сиёсии Масъуди ҷавон дар давраи донишҷӯӣ метавонанд дар қолаби як исломгароии муътадил ҷой дода шаванд, аммо онҳо ба андозае мустақил буданд, ки пас аз кудатои соли 1973 таваҷҷуҳи фармондеҳи пулис ва шоҳзода Довудро ба худ ҷалб карданд. Дар остонаи кудато Довуд аз ҳимояти афсарони тарафдори Иттиҳоди Шуравӣ дар артиши Афғонистон барҳӯрдор шуда буд. Дар ин давра вазифаи Раҳмон - дӯсти Масъуд дар Политехник ин буд, ки ба унвони яке аз аъзои Созмони ҷавонони мусалмон афсарони артишро ба гурӯҳҳои исломгаро ва зидди нуфузи Шуравӣ ҷалб кунад.

Дар он замон Масъуд ба унвони дастёри Раҳмон кор мекард ва дар натиҷа дар назари умум қарор гирифт. Довуд пас аз ба қудрат расидан кӯшиш кард амрикоиҳоро ба ҳимояти давлати худ мутақоид кунад. Вақте посухи радди Вашингтонро шунид, ба Маскав рӯ овард. Русҳо майл ба кумак доштанд, аммо Довуд бояд бадали онро мепардохт. Дархостҳои рӯзафзуни коммунистҳои афғон дар Кобул аз Леонид Брежнев, дабири кулли Ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шуравӣ, дар ниҳоят ба муноқишаи ошкор бо Довуд дар соли 1977 анҷомид; ба гунае, ки Довуд дар Кремлин ба чашмони Брежнев рост нигариста гуфт, ки ҳеҷ кас набояд ба ӯ бигӯяд, ки Афғонистонро чӣ гуна идора кунад.

Дар авҷи мушоҷара ва дар ҳузури мақомҳои аршади ҳизб, Довуд амалан ба Брежнев пушт кард ва аз ҷаласа берун рафт. Нозирон ин ҳаракатро ба маънои имзои ҳукми марги ӯ тафсир карданд. Ҳамин тавр ҳам шуд: ӯ чанд моҳ баъд сарнагун гардид. Кудатои коммунистии 27-уми апрели соли 1978 - «Инқилоби Савр» - ҳаммоми хун ба роҳ андохт ва Довуду тамоми аъзои хонаводаашро аз миён бурд. Аз он пас давлати коммунистӣ сари қудрат омад. Ҳокимони нав Ҳизби демократии халқии Афғонистонро ба ду шоха тақсим карданд: шохаи «Халқ» ва шохаи «Парчам». Ҳар ду ҷиноҳ низ чандон пазируфта нашуданд ва дар ниҳоят Кремлин маҷбур шуд бист моҳ баъд ба Афғонистон ҳамла кунад, то бақои давлати коммунистиро дар ин кишвар таъмин созад.

Дар авоили даҳаи 1970 Масъуд - ҳаммонанди дигар ҷавонони сиёсии афғон дар он замон - шадидан зидди коммунизм буд ва аз ҳамон вақт корро рӯйи афсарони ҷавони артиши Афғонистон, ки андешаҳои зиддикоммунистӣ ва ғарбгаро доштанд, оғоз кард. Аъзои Созмони ҷавонони мусалмони зиддикоммунист, ки пулиси махфии Довуд онҳоро ба боздошт таҳдид карда буд, ба таври муъҷизавӣ наҷот ёфтанд.

Зулфиқор Алӣ Бхутто, нахуствазири Покистон бо додани паноҳандагии сиёсӣ ва фароҳам овардани омӯзишҳои ибтидоии низомӣ ба Масъуд ва дӯстонаш аз Созмони ҷавонони мусалмон, ҳамчунин ба паштунҳои тундраве чун Гулбиддин Ҳикматёр, ки ҳамсоли Масъуд буд ва яке аз ифротитарин ҳизбҳоро бо номи «Ҳизби Исломӣ» таъсис дода буд, фурсате дод, то ба Довуд зарба зананд.


Ба ин тартиб иртиботи тӯлонимуддат ва пурфарозу нишеб миёни Оҷонси иттилоотии Покистон ISI - пас аз ҳамлаи Шуравӣ ба Афғонистон дар декабри 1979 - ва он чӣ баъдтар ба гурӯҳи муқовимат ва муҷоҳидин шуҳра шуд, эҷод гардид. Масъуд барои ширкат дар кудато алайҳи Довуд ба ISI ва Ҳикматёр - ҳамтои худ ва коромӯзи ISI наздик шуд. Дар оғоз барои ширкат дар кудато дудил буд, аммо вақте Ҳикматёр ӯро ба тарсуӣ муттаҳам кард, барои иштирок омода шуд.

Дар ҳоле ки Ҳикматёр дар дигар минтақаҳо даргир буд, Масъуд парчами шӯришро дар Панҷшер барафрошт. Дар баҳори соли 1975, ҳангоме ки барфҳои гузаргоҳҳои баланди яхбаста об мешуданд, ӯ ҳамроҳи дӯсти қадимиаш Исҳоқ ва 37 нафари дигар, ки бо пулемётҳои кӯҳнаи «Стен»-и покистонӣ мусаллаҳ буданд, ба таври пинҳонӣ аз Покистон ба Панҷшер бозгаштанд. Масъуд қасд дошт режими Довудро дар бахши болоии дара сарнагун карда, ҳукумати исломӣ эълом намояд.

Кудато дар оғоз хуб пеш рафт. Ҳатто нерӯҳои ӯ тавонистанд афроди гарнизони Рухаро ба тасарруфи худ дароранд. Аммо ҳимояти ваъдашуда аз Кобул амалӣ нашуд ва онҳо шикаст хӯрданд. Бисёре аз ҷанговарони ҷавон кушта ё асир шуданд. Масъуд, Исҳоқ ва ҳаждаҳ нафар аз ҳамроҳонашон муваффақ ба фирор ба кӯҳҳо шуданд.

(давом дорад)

ЖУРНАЛИСТИ №1



Мулло Боқӣ (Мулло Боқиев) яке аз рӯзноманигорони соҳибмактаб аст, ки дар рушди журналистикаи тоҷик ва тарбияи кадрҳои ҷавон саҳми мондагор дорад.

ПАЙРОҲАИ РӮЗГОР

Номбурда 26-уми (дар катибаи болои оромгоҳаш) январи соли 1926 дар яке аз калонтарин деҳаҳои ноҳияи Мастчоҳ (имрӯза ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ) - Пастиғави сарсабз чашм ба олами ҳастӣ боз намудааст. Солҳои тӯлонӣ, шуруъ аз соли 1950 дар соҳаи мактабу маориф ифои вазифа намуда, чанд сол мухбир-ташкилотчии радиои маҳаллии ноҳияи Мастчоҳ ва шаш моҳ ходими рӯзномаи «Ҳақиқати Ӯзбекистон» буд. Аз соли 1971 то нафақа мухбири махсуси «Ҳақиқати Суғд» дар ноҳияҳои Мастчоҳ, Зафаробод, Истаравшан, Айнӣ, Панҷакент буд.

Соли 1995 ин дунёро падруд гуфт.

9-уми феврали соли 1988 Раёсати Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон бо фармони худ Мулло Боқиро барои хизматҳои шоёнаш дар инкишофи матбуоти советӣ ва телевизион ба унвони фахрии «Журналисти хизматнишондодаи РСС Тоҷикистон», дорандаи рақами 1 сарфароз гардонид, ки мо ҳамкасбону шогирдон аз ин ифтихор дорем.

УСТОД

Солҳои 1970-1971 ҳамкор будем. Ҷомеаи меҳнатии рӯзномаи ноҳиявии «Машъал» аксар ҷавонон ва навкор будем. Устод мухбир-ташкилотчии радиои маҳаллӣ буданд ва шоҳмотбози номӣ. Бинобар он тахтаи шоҳмот доимо дар ҷойи намоён «интизор»-и устод буд. Суҳбатҳояшон хеле гуворою самимӣ ва хотирмон буданд.

Ёд дорам, дар яке аз «летучка»-ҳо - маҷлисҳои назди муҳаррир Мулло Боқӣ мухбири ҷавонро эрод гирифтанд, ки қаҳрамони лавҳаро надида, «мӯйи сари марғуладорашро бо панҷаҳо шона мекард» навиштааст, ҳол он ки он одам тоссар буда, хандахариши ҳамкорон мегардид. Ҷавон баъди маҷлис шармгинона аз устод гила кард, ки ба худам мегуфтед...

- На,- суханашро бо мулоиматӣ буриданд устод,- бигзор барои ту панд шаваду барои дигарон дарс.

Дар суҳбатҳо таъкид мекарданд, ки рӯзноманигор барои он ки суханаш таъсирбахш бошад, бояд ба ҳар воҳӯрӣ, маҷлис, мусоҳиба пешакӣ омодагӣ бинад. Мавзуро амиқу аниқ омӯзад, дар суҳбат шунавандаи пакар не, ташаббускор бошад. Ҳатто либоспӯшӣ, олуфтагию озодагии шумо барои атрофиён намунаи ибрат бошад.

ДАР СУҲБАТИ ҒОИБ ҚАЛАНДАРОВ

Устодро доимо квитансияҳои 500-600-сӯма дар идораи рӯзномаи «Машъал»-и Мастчоҳ интизор буданд. Ва, албатта, мо ба ин тарафи кор низ бетаваҷҷуҳ набудем. Пул ҳама вақт қувваи кашиш доштааст.

Рӯзе як ҳамкори бебокамон гуфт: «Устод, чунин квитансияҳоро мо чӣ гуна соҳиб шавем?». Эшон бо қоҳ-қоҳи баланди зебанда хандида гуфтанд, ки сирраш сари мизи корӣ нишаста тавонистан ва байни мардум будан аст, тамом.

Устод рӯзноманигори комил буданд, дар ҳама жанрҳои журналистӣ дасти тавоно доштанд. Маҳорати баланди журналистии М. Боқӣ боис шуд, ки сармуҳаррири рӯзномаи №1-и ҷумҳурӣ - «Тоҷикистони советӣ» Ғоиб Қаландаров эшонро ба кор даъват намуда, интихоби мудирии дилхоҳ шуъбаро пешниҳод мекунад.

- Ташаккур, муаллим,- гуфта, афзудам, ки ман бо дах фарзанд дар Душанбе «намеғунҷам», вале кӯшиш мекунам, ки ҳамаи супоришҳои рӯзномаро, дар музофот зиста, сари вақт ичро кунам.

НИЁЗМУҲАММАДОВРО ТАНҚИД НАКУНЕД!

Солҳои 60-ум Мулло Боқӣ баробари рӯзноманигорӣ ба кори илмӣ ҳам машғул буданд, дар риштаи забон. Аммо дифои кори илмӣ кашол меёфт.

Боре дар як вохӯрӣ дар идораи «Машъал» нафаре сабаби кашолёбии корро пурсон шуд. Устод бо ҳамон хиради ошкорбаёнӣ гуфтанд, ки «моҳе ба ҳамин кор часпам, ба хонаам лингаи ордро оварда наметавонам».

Баъдҳо, ҳангоми омода намудани маводҳои 70-солагии Мулло Боқӣ, ҳини омӯхтани бойгониашон назарам ба навиштаи олими ғуррамарг Бурҳон Шарифов (он замон аспиранти академик Бобоҷон Ниёзмуҳаммадов) афтод, ки тавалло дошт, ки Ниёзмуҳаммадовро танқид накунед, ба кори илмии ман халал мерасад. Шояд як сабаби ба охир нарасидани кори илмии Мулло Боқӣ ҳамин бошад.

МАКТАБИ МУЛЛО БОҚӢ

- Ман дарси имлою беғалатнависиро аз раҳматии Мулло Боқӣ омӯхтаам,- мегӯяд бо ифтихор мудири бахши кор бо кадрҳои идораи фарҳанги ноҳияи Мастчоҳ Мирзо Назаров.- Дар курси дуюми факултаи забони англисии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи аллома Бобоҷон Ғафуров мехондам ва бо рӯзномаи «Ҳақиқати Суғд» ҳамкорӣ мекардам. Рӯзе ба номам аз идораи рӯзнома мактуб омад. Хонам, баробари дигар маслиҳатҳо тавсия додаанд, ки аз ҳарфҳои ӯ ва ӣ-и заданок дуруст истифода бурданро омӯзам. Рӯзи дигар лифофа дар кафам ба хонаи муаллим Мулло Боқӣ омадам. Писарашон Қосимро, ки ҳамсинфам буд, пайдо карда, илтимос кардам, ки маро ба назди падараш барад. Устод арзамро шунида, баробари дигар тавсияҳо фармуданд, ки бештар рӯзнома хонам. Омадам ба хонаи хаткашон Бобои чӯлоқ (як пояшро дар ҶБВ бой дода буданд ва чунин лақабро мардум ба ӯ «арзонӣ» доштанд). Баъд ҳар рӯз қариб аз ӯ рӯзномаҳои гуногун мегирифтаму ӯ-ю ӣ мекофтам. Ҳамин тавр, ман бо маслиҳату машварати ин марди хирад рӯзномахониро касби доимӣ карда, беғалатнависиро омӯхтам.

ДАР МАВРИДИ САНАИ МАВЛУДИ МУЛЛО БОҚӢ

То имрӯз таваллуди Мулло Боқӣ мушаххасан аниқ нест. Дар санги болои мазорашон соли 1926 ҳаккокӣ шудааст. Рӯзномаи “Тоҷикистон” бошад, ҳини мубораки мавлуд ин санаро 30-юми июли соли 1926 навиштааст. Писарашон Қосим Боқиев мегӯяд, ки падарам мегуфтанд, ки ман 17-уми июли соли 1926 таваллуд шудаам. Мутассифона, ҳуҷҷатҳои шахсии Мулло Боқиро дастрас карда натавонистем. Ҳамкасбон, ҳамкорон, пайвандон, фарзандон дар ин бора чӣ мегуфта бошанд? 100-солагии Мулло Боқиро кай ҷашн гирем?! Ҳини ҷустуҷӯи ин сана аз бойгониам мактуби раиси Кумитаи иҷроияи ҲҲДТ дар ноҳияи Мастчоҳ, рӯзноманигори номошно Муродулло Почозода ба идораи сабти асноди шаҳрвандӣ баромад, ки санаи аниқи таваллуди Мулло Боқиро аз ин ниҳод дархост намудааст. Шояд акнун рӯзу моҳу соли таҷлили 100-солагии яке аз поягузорони журналистикаи тоҷик барои мо рӯшан гардад.

Мирзоҳамдам ШАРИФЗОДА,
рӯзноманигор

БАРАНДАГОНИ ҶОИЗАИ БА НОМИ АБУЛҚОСИМ ЛОҲУТӢ ДАР СОЛИ 2026

Дар Филармонияи давлатии Тоҷикистон ба номи Акашариф Ҷӯраев бахшида ба Рӯзи матбуоти тоҷик ҳамоиши тантанавӣ баргузор гардид.







Дар оғози чорабинӣ мушовири калони бахши Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Масрур Абдуллозода изҳор дошт, ки дар замони муосир воситаҳои ахбори омма яке аз василаҳои асосии таъсиррасон ба шуури ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ба гуфтаи ӯ, расонаҳо метавонанд афкори умумро шакл диҳанд ва ба ташаккули рӯҳияву худшиносии миллӣ мусоидат намоянд.

«Қудрати расонаҳо дар ташаккули афкори умум ва сиёсати ҷаҳонӣ ба касе пӯшида нест. Аз ин рӯ, барои ҳифзи ин сарзамин бояд сатҳи саводи расонаии худро баланд бардорем ва ба иттилоот бо назари таҳлилӣ ва интиқодӣ муносибат намоем»,- иброз дошт Масрур Абдуллозода.

Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Матлубахон Сатториён таъкид кард, ки имсол Рӯзи матбуоти тоҷик дар фазои хосса, сонӣ таърихии 35-солагии Истиқлоли давлатӣ таҷлил мегардад.

Ба гуфтаи ӯ, 35 сол пеш халқи тоҷик бо иродаи қавӣ ва ормони бузург бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд ва ягонаро оғоз намуд. Дар ин марҳилаи сарнавиштсоз матбуот ҳамеша дар канори давлат ва миллат қарор дошт.

Зимни ҳамоиш як зумра рӯзноманигорон бо Ҷоизаи Иттифоқи журналистони Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ қадрдонӣ шуданд. Соли 2026 ин ҷоизаи бонуфуз ба **Робия Холмирзо, Ҷумахон Файзализода, Мухтор Абдуллоев, Амрулло Забиров, Луқмонҷон Қурбонов** ва **Алишери Абдумаҷид** тақдим гардид.

Ҳамчунин, дар чорабинӣ як қатор рӯзноманигорон ва расонаҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ҳафтаномаҳои “**Тоҷикистон**” ва «**ОИЛА**» бо ифтихорнома ва сипосномаҳо сарфароз гардонида шуданд.

Толеънома

Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафтаро бо наздикон хушу хурсандона сипарӣ менамоед. Нисбати дӯстдоштаи худ меҳрубонии бештар зоҳир намоед. Мутаассифона, нақшаву ниятҳоятон бо сабаби аз ҷониби наздикон дастгирӣ нашудан амалӣ шуда наметавонанд.

Асад
23.07 - 22.08

Ҳафта барои сафару саёҳат мусоид аст. Молу маҳсулоте, ки дар ин ҳафта харидорӣ мекунед, бесифатанд ё ба талабот ҷавобгӯ намешаванд. Бонувон аз ҷониби наздикони худ хабарҳои хуш мешунаванд. Охири ҳафта дар муносибатҳои ошиқона нофаҳмӣ имкон дорад.

Қавс
25.11 - 21.12

Давоми ҳафта бо сабаби сар задани нофаҳмӣ дар оила табъатон гирифта мешаваду ғамгин мегардед. Гап сари мушкилоте меравад, ки шумо имкони назорат карданашонро надоред. Хабари ҳомилагии яке аз наздикон ё тавлиди фарзандро мешунавед.

Савр
21.04 - 21.05

Аз рӯзи душанбе сар карда, дучори ҳодисаҳое мегардед, ки барои рафъ намуданашон бояд тамоми нерӯ ва обрӯву нуфузро ба кор баред. Яке аз наздикон гирифтори мушкилоти пулӣ мегардад, барои рафъ намудан кумаку маслиҳати шумо лозим меояд.

Сунбула
23.08 - 22.09

Давоми ҳафта бо нафароне, ки бо якравӣ ва хислати бад ном баровардаанд, забон ёфтанатон душвор мегардад. Шуморо бо гапу таҳқир меранҷонанд. Албатта, шумо хомӯш намеистед, вале дар натиҷа табъатон хира мегардад.

Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Дар ин ҳафта бо зане муноқиша карданатон имконпазир аст, ки то ин дам бо ҳам муносибати хуб доштед. Ҳодисаи сарзада дар ҳаёти шахсиятон таъсири сахт мегузорад. Аз асабоният ва изтироби шадид гурехта наметавонед.

Ҷавзо
22.05 - 21.06

Шуморо ҳафтае интизор аст, ки дар он тағйироти ҷиддиро ҷорӣ карда метавонед. Изтироби шадиде, ки аз сар мегузаронед, тамоми умр дар хотиратон нақш мебандад. Бонувон робитаи худро бо баъзе дӯстонашон қатъ месозанд.

Мизон
25.09 - 22.10

Давоми ҳафта бо мушкилоте банд мешавед, ки бо хонаву наздиконатон алоқамандӣ доранд. Баъзан аз хастагӣ асабатон хароб мегардад, вале бояд худро ба даст гирифта тавонед. Дар баробари мушкилиҳо ҳафта боз лаҳзаҳои хубу гуворо низ дорад.

Далв
21.01 - 19.02

Бонувоне, ки ба наздикӣ модар мешаванд, давоми ҳафта аз пайи ташхису амалиётҳои тиббӣ ва табобатӣ шуданашон лозим аст. Бо вучуди ҷавон буданатон, нисбати саломатӣ бепарвоӣ накунед. Ошиқонро лозим аст, ки ба гапу калочаи атрофиён эътибор надиҳанд.

Саратон
22.06 - 23.07

Дар давоми ҳафта аз макру фиреби нафароне, ки нисбаташон андешаи мусбат доштед, асабонӣ мегардед. Нафаре кӯшиши ба ҳаёти оилавии шумо дахолат намуданро мекунад. Муносибататон бо ҳамкорон низ чандон хуб ҷараён намегирад.

Ақраб
23.10 - 22.11

Вақте ки ба сафар мебароед, бо ҳамсафарони худ муноқишаро раво набинед. Давоми ҳафта нафаре кӯшиши бо шумо дӯстӣ пайдо карданро мекунад. Барои фаҳмидани мақсади ин нафар шубҳаву гумонатон зиёд мегардад.

Ҳут
20.02 - 20.03

Шуморо лозим аст, ки дар иҷрои корҳои хона тамоми нерӯи худро ба кор баред. Ба танбалӣ роҳ надиҳед, аз мушкилоти сарзада наҳаросед, танҳо дар ҳамин сурат шуморо ҳафтаи бобарор насиб мегардад. Зимни робита бо атрофиён эҳтиёткор бошед.

МАВЛУДНОМА

12 МАРТ

Содиқ Акрамов (1941-2005), 85-солагии зодрӯзи биолог, профессор.

Шараф Афзалӣ (1951), 75-солагии зодрӯзи шоир, мутарҷим.

Галина Захарова (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

Барот Мирзоев (1941-2002), 85-солагии зодрӯзи физикдон, профессор.

13 МАРТ

Саодат Абдуллоева (1941), 85-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Сафар Азизов (1936), 90-солагии зодрӯзи ороишгари саҳнаи театр, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

Толиб Шаҳидӣ (1946), 80-солагии зодрӯзи оҳангсоз, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

14 МАРТ

Абдусалом Деҳотӣ (1911-1962), 125-солагии зодрӯзи шоир, драматург.

Баҳодур Каримов (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Ортиқ Қодиров (1956), 70-солагии зодрӯзи актёри театру кино, ровӣ, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

15 МАРТ

Фозилҷон Бозоров (1951), 75-солагии зодрӯзи ровӣ.

Қодир Қодиров (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ.

Ҳикматулло Қодиров (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

Бегиҷон Махсумов (1956), 70-солагии зодрӯзи журналист.

Идимоҳ Раҷабова (1956), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

Абдурашид Шарифов (1951), 75-солагии зодрӯзи доктори илми кишоварзӣ.

16 МАРТ

Убайдулло Абдуллоев (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи байторӣ.

Вячеслав Дӯстматов (1936-2004), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи геология.

17 МАРТ

Музаффар Маҳмудов (1926-1997), 100-солагии зодрӯзи журналист.

Темурхон Орифов (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи ҳуқуқ.

Эҳсон Субҳон (1946), 80-солагии зодрӯзи нависанда.

18 МАРТ

Муҳаммадвафо Бақоев (1931-1972), 95-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

Отахон Латифӣ (1936-1998), 90-солагии зодрӯзи нависанда, журналист.

Шамсиддин Орумбекзода (1956), 70-солагии зодрӯзи арбоби фарҳангӣ.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?
ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!
Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар ARZON.TJ



ФУРӮШИ ХОНА

➔ 2-ҳуҷрагӣ, қабати 5, бинои 5-ошёна, бо таъмир, бо тамоми шароитҳояш, ш. Ҳисор, 8 мкр., 370 000 сомонӣ, савдо мешавад. Тел.: 93-393-61-70

Хонаи 2-ошёна (ҳавлӣ), 27 дар хона, 1378 м.м., 7 сот. замин, н. Фирдавсӣ, 2 гузаргоҳи кӯчаи Н. Қарабоев, хонаи 9-2, фурӯхта мешавад. Тел.: 900-02-02-00

➔ Чор ҳавлии шахсиро мефурӯшам, 11 сот., Гипрозем. Тел.: 904-50-52-55

ИҶОРА МЕДИҲАМ

➔ 2-ҳуҷрагӣ, 53 м.м., қабати 8, бинои 21-ошёнаи навсохт, евроремонт, бо тамоми шароиташ, бе ҳайвоноти хонагӣ, иҷора дода мешавад, Профсоюз, бинои "Мерве". Тел.: 907-00-27-76

➔ 3-ҳуҷрагӣ, қабати 4, аэропорт, назди мактаби милиса, иҷора медиҳам. Тел.: 919-00-93-75

➔ 3-ҳуҷрагӣ, қабати 9, дар маркази шаҳр, нишонӣ: тарабхонаи "Шоми Душанбе", ба муддати дароз иҷора дода мешавад. Тел.: 988-39-97-77

➔ 1, 2 ҳуҷра дар ҳавлии шахсӣ иҷора дода мешавад, ноҳияи Гипрозем. Тел.: 904-50-52-55

КОР МЕҶӮЯМ

➔ Рӯбучини хона. Тел.: 988-26-36-43, 555-59-21-63

➔ Рӯбучини соатакӣ. Зарфшӯй дар маъракаҳо. Тел.: 110-82-82-10

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 931-47-17-13

➔ Рӯбучини босифат. Тел.: 001-33-80-33

ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ГУНОГУН

➔ Таъмири пурраи хона, аз А то Я. Арзон. Тел.: 919-10-10-18

➔ Стяжка, обои, кафел, ламинат, гипсокартон, рангмолӣ. Тел.: 88-111-55-93

➔ Андова, шпаклевка, обои, краска, кафел. Тел.: 917-66-08-25, 206-73-73-72

Мебел бо фармоиш: гарнитури хоб ва ошхона, мебели даҳлез, мебели мулоим, катҳои якнафара ва дунафара. Тел.: 93-851-10-30, 93-133-44-80

➔ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

➔ Устои брусчаткаи роҳи мусофиргард. Тел.: 104232005, усто Ҳамза

МЕХАРАМ

ГУНОГУН

Зарфҳо, пардаҳо, курпа, курпача, қолину палос, одеял, китобҳо, телевизорҳои муосир, расмвораҳо, флягҳо, кастрюлаҳо, кондитсионерҳоро мехарам. Тел.: 903-30-83-07, 987-60-50-47, 979-14-66-22

Флягҳо, курпача, қолин, медал, нишон, асбобу анҷом, зарф, дег, танга, мошинаи дарздӯзӣ, баллонҳои газӣ, таҷҳизоти шуравӣ, ҳайкалчаҳо, оҳанпора, коғаз мехарам. Тел.: 988-33-73-61, 905-98-77-88

Зарфҳо, фляг, дегҳо, баллонҳои газӣ, банка, асбобу анҷом, қолин, курпача, китоб, танга, нишон, медал, ҳайкалчаҳо, хрустал, яхдон, мошинаи ҷомашӯй, кондитсионер, коғазпора, дастгоҳҳо ва оҳанпора мехарам. Тел.: 901-03-93-93, 918-70-16-92, 934-58-12-05

Қолин, зарф, либос, мебели истифодашуда мехарам. Тел.: 988-01-02-28

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинаҳои ҷомашӯй, мошинаҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳанпора, коғаз, тангаҳо, нишонҳо, ҳайкалчаҳо, мошинҳои ҷомашӯй, мошинҳои дарздӯзӣ, қолинҳо, кондитсионерҳо, курпачаҳо ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарф, қолин, фляг, асбобу анҷоми даврои шуравӣ, танга ва ғайраро мехарам. Тел.: 903-00-91-40, 985-49-40-29, 919-77-47-43

ЭЪТИБОР НАДОРАД

➔ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатномаи махсус ба номи Ибрагимов Қурбонали, РЯМ: 0730024965, РМА: 075380731, ки аз 28.05.2010 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А00460631, ба номи Хуршедаи Абдуҳамид, ки санаи 10.03.2016 аз ШВКД ноҳ. Варзоб дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Менгниев Кулмуҳамад Хушвахтович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Р. Набиев, гузаргоҳи 5, хонаи 11, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0527017, ба номи Солизода Комилҷони Одилҷон, ки соли 2018 аз ҷониби МТМУ №71 ба номи Ю. Акобиров, н. Шоҳмансур дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 11, №002640, ба номи Саидов Самиҷон Давлятович, ки соли 1992 аз ҷониби МТМУ №46-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Аттестати синфи 9, Т-АТА №1308965, ба номи Муродова Нозигуль Таваралиевна, ки соли 2022 аз МТМУ №38-и н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04295223, ба номи Аллоев Шоҳрух Абдусатторович, ки санаи 11.02.2022 аз ШВКД-1 дар н. Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Курбонов Манучеҳр, РЯМ: 0730229812, РМА: 075952019, ки аз 16.06.2023 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

➔ Дафтари меҳнатӣ, ШО-1 №0064947, ба номи Раупова Зулхумор Бадритддиновна, ки соли 1983 аз шуъбаи кадрҳои колхози ба номи съезди 22 партияи н. Ҳисор дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дараҷаи А №0047148, аз 23.12.2016, ба номи Аҳроров Ҷамшед, н. Варзоб, ҷамоати деҳоти С. Айнӣ, деҳаи Шейхак, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шаҳодатномаи ҶТ, №00061, ба номи Чароилов Абдулло Хабибулоевич, ки санаи 28.08.2024 аз ВКД ҶТ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи техникӣ ба номи Баъков Рахматшо Гуломносирович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, 2 гузаргоҳи к. Бинокорон 7, ҳуҷраи 10, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин, Дараҷаи А №0188649, рақами қайд №3786, ба номи хоҷагии деҳқонии "Баротов Р", н. Рӯдакӣ, ҷамоати Эсамбой, соли 2008, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А02477259, ба номи Ширинова Мавзуна Нодировна, ки санаи 24.08.2019 аз ШВКД-2 дар н. Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Манзилномаи шахсӣ, №010703, протоколи 6, аз санаи 03.07.2003 ва шиносномаи техникӣ бо суроғаи кӯчаи Гипрозем 30/4, ҳуҷраи 202, ки ба шаҳрванд Киргизова Некзан тааллуқ доранд, аз сабаби гум шудан аз эътибор соқит дониста шаванд.

➔ Дипломи 107705 0004953, рақами қайд 4485, ба номи Рахимов Ахкомуддин Сироджиддинович, ки санаи 14.07.2015 аз ҷониби РТСУ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➔ Шиносномаи шаҳрвандӣ, А04454652, ба номи Имамова Майсара Нуритдиновна, ки санаи 14.09.2022 аз ҷониби ШВКД н. И. Сомонӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

БАРҲАМ МЕХӮРАД

➔ Кооперативи тиҷоратии «РАШАН Р», РЯМ: 3310003135, ки дар н. Ҷ. Балхӣ қарор дорад, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:

(+992) 93 111 08 87

ЧЕМПИОНАТИ ТОҶИКИСТОН

ҲАНГОМАҲОИ ДАВРИ АВВАЛ ДАР ЛИГАИ ОЛӢ

Рӯзҳои истироҳати ҳафтаи гузашта мусобиқаи 35-уми Чемпионати Лигаи олии футболи Тоҷикистон оғоз ёфт. Даври якум аз ҳангома холӣ набуд. Дар се бозӣ соҳибони майдон пирӯз шуданд ва се бозии дигар бо ҳисоби мусовӣ ба охир расид.

ҶАДВАЛИ ЛИГАИ ОЛӢ
Пас аз даври 1-ум

		Б	Ғ	И
1	Ҳосилот AFC	1	3-0	3
2	Вахш	1	2-0	3
3	Хуҷанд	1	2-0	3
4	Парвоз	1	2-2	1
5	Истаравшан	1	2-2	1
6	Регар-ТадАЗ	1	0-0	1
7	Истиқлол	1	0-0	1
8	Равшан	1	0-0	1
9	Сардор	1	0-0	1
10	Барқчӣ	1	0-2	0
11	Эсхата	1	0-2	0
12	КМВА	1	0-3	0

Бозии ифтитоҳӣ бо ширкати дастаҳои «Регар-ТадАЗ» (Турсунзода) ва «Равшан» (Кӯлоб) дар Душанбе баргузор шуд ва бо ҳисоби 0:0 анҷом ёфт. Дар ин бозӣ 1600 мухлис ширкат доштанд.

Бозии дуюм байни дастаҳои «Ҳосилот» (Фархор) ва КМВА (Душанбе) низ дар Душанбе баргузор шуд, ки бо ҳисоби ҳангомавии 3:0 бар нафъи аввалӣ ба охир расид. Голҳоро Шараф Солеҳов (2 гол аз пеналтӣ) ва Ҷозеф Акомадӣ заданд. Дар ин бозӣ 1100 мухлис ширкат доштанд.

Дар дербии шаҳри Хуҷанд дастаи ҳамноми ин шаҳр ба дастаи «Эсхата» бо ҳисоби 2:0 ғолиб омад. Ҳарду голро Парвиз Алиев зад. Ин бозӣ дар варзишгоҳи «20-солагии Истиқлолияти ҶТ» бо ҳузури 2000 мухлис баргузор шуд.

Боз як ҳангомаи дигар дар ин давр натиҷаи бозии «Истиқлол» (Душанбе) бо навдастаи Лигаи олӣ «Сардор» (Турсунзода) буд, ки бидуни гол ҳаҷом ёфт. Ин бозиро 500 мухлис дар Варзишгоҳи марказии Душанбе тамошо карданд. Мусовии натиҷадор дар бозии «Парвоз» (Бобоҷон Ғафуров) ва «Истаравшан» (Истаравшан) ба қайд гирифта шуд - 2:2. Голҳои «Парвоз»-ро Даниел Квеку ва Муҳсин Рустамзода, голҳои меҳмононро Марадона Сафаров ва Абдулфаттоҳ Худойдодзода заданд. Ин бозӣ сермухлистарин бозии давр буд, ки 3600 тамошобин дошт. Дастаи «Вахш» (Бохтар) дар Душанбе тавонист, ки бар «Барқчӣ» (Ҳисор) бо ҳисоби 2:0 пирӯз шавад. Голҳоро Бенҷамин Ампонс ва Константин Чёрний заданд. Дар ин бозӣ 300 мухлис ширкат доштанд.

МУҲОРИБАИ ОМЕХТА

РАЗМИКОРИ ТОҶИК ДАР ИМА БА НАБАРДИ НАВ МЕБАРОЯД

Муборизи муҳорибаи омехта аз Тоҷикистон Беҳзод Усмонов (11-5 дар ММА) бори дигар ба ринги набард бо муштҳои бараҳна мебарояд.

Усмонов 28-уми март дар мусобиқаи BKFC 52 дар Коннектикути ИМА, ки дар он ҷо бо муборизи мексикоӣ Луис Герреро рӯ ба рӯ хоҳад шуд, набард мекунад.

Муборизи машҳури тоҷик, ки бо лақаби "Шер" маъруф аст, бори дигар дар Чемпионати мубориза бо муштҳои бараҳна (BKFC), ки яке аз маъруфтарин созмонҳои муштзанӣ бо муштҳои бараҳна дар ҷаҳон аст, мубориза хоҳад бурд.

Тибқи иттилои таблиғотӣ, муборизаи Усмонов (2-1 дар муштзании бо мушти бараҳна) дар корти BKB 52, ки 28-уми март дар казинои Foxwoods Resort дар Коннектикут баргузор мешавад, шомил карда шудааст. Варзишгари тоҷик бо Луис Герреро аз Мексика, ки рекорди 1 пирӯзӣ ва 0 бохт дар муштзанӣ бо мушти бараҳна дорад, рӯ ба рӯ хоҳад шуд.

Илова бар ин мубориза, барномаи мусобиқа инчунин чанд муҳорибаи дигарро дар бар мегирад, аз ҷумлаи онҳо муҳорибаҳои байни Брэндон Десройерс ва Райан Венаблс, Грег Боно ва Мэтт Деннинг, Оззӣ Алварес ва Армус Гайтон ҳастанд.



ФУТБОЛ

МУРАББИИ ХОРИҶӢ ДАР АКАДЕМИЯИ ФУТБОЛИ «ИСТИҚЛОЛ»

Роҳбарияти Академияи клуби футболи «Истиқлол» бо мутахассиси соҳибтаҷрибаи эронӣ Самад Ризоӣ шартнома ба имзо расонд. Ӯ ба ҳайси мураббии калони Академияи клуб таъйин шуд.

Ин мутахассис беш аз 10 сол таҷрибаи корӣ дар академияҳои футболӣ дошта, соҳиби иҷозатномаҳои мураббигии КФО аст ва дар рушди маҳорати техникӣ ва тактикии футболбозони ҷавон тахассус дорад. Дар давоми фаъолияти худ ӯ чандин бозигаронро омода кардааст, ки бо клубҳои Лигаҳои олии Эрон шартномаҳои касбӣ ба имзо расонидаанд.



Гуфта мешавад, ин таъйинот як қисми стратегияи рушди клуби «Истиқлол» буда, ба навсозии низоми омодакунии футболбозони наврас равона шудааст. Дар назар аст, ки дар ояндаи наздик дар академия ва тамоми филиалҳои мактабҳои футболи клуб низоми ягонаи омӯзиши футболбозони ҷавон ҷорӣ карда мешавад.

«Даъвати Самад Ризоӣ қадами муҳим барои рушди Академияи мо мебошад. Мо бовар дорем, ки таҷрибаи ӯ барои ҷорӣ намудани методикаи муосири омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳи академия мусоидат мекунад. Клуб рушди Академияро пайваста идома дода, барои эҷоди низоми муосири омодасозии футболбозони ояндаи КФ «Истиқлол» талош мекунад»,- изҳор доштааст директори Академия Нуриддин Давронов пас аз имзои қарордод.

РЕЗААХБОР



Варзишгари тоҷик Абдуҷаъфари Баҳодур дар мусобиқаи байналмилалии тхэквондо WT “Ҷоми қавитарин варзишгарон”, ки аз 6 то 8-уми марти соли 2026 дар шаҳри Минск баргузор гардид, ба гирифтани нишони тило мушарраф шуд. Варзишгари тоҷик дар ҷараёни мусобиқа дар вазни то 59 килограмм ҳунарнамоӣ карда, бо панҷ рақиби худ қувваозмоӣ намуд ва дар ҳамаи рақобатҳо бо бартарӣ пирӯз шуд.

***

Дастаи футзали “Истиқлол” пеш аз оғози мавсим ба ҳайати худ ду бозигари дастаи мунтахаби кишварро ҷалб кард. Инҳо Дилшод Саломов ва Умед Кузиев ҳастанд. Саломов, ки сарвони дастаи мунтахаби футзали Тоҷикистон аст, қаблан дар ҳайати “Соро компания” бозӣ мекард. Умед Кузиев то ин дам шарафи дастаи “Амонатбонк”-ро ҳимоя мекард, ки бо бозии устувору фаъолаш дар чемпионати кишвар шинохта шудааст.

***

Дар шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Русия мусобиқаи байналмилалии каратэ-до баргузор гардид, ки дар он ду варзишгари тоҷик - Махсатулло Муъминов ва Исо Яҳёев иштирок карданд. Дар вазни то 57 кг варзишгари тоҷик Махсатулло Муъминов бо ҳунарнамоии баланд бар ҳамаи рақибонаш пирӯз шуда, соҳиби нишони тило шуд.

***

Мусобиқаи анъанавии байналмилалии бокс байни ҷавонон барои гиромидошти хотираи чемпиони ИҶШС Манарбек Ихсанов дар Остонаи Қазоқистон ба анҷом расид. Муштзанҳои тоҷик ба гирифтани 4 нишон - 1 тило, 2 нуқра ва 1 биринҷӣ ноил шуданд. Нишони тилоро Беҳрӯз Умаров дар вазни 54 кг соҳиб шуд. Ӯ дар роҳ ба финал бар Акберен Тенелбай (Қазоқистон), Насибуллоҳ Обидов (Ӯзбекистон), Дидор Жакон (Қазоқистон) пирӯз шуд.



ИД ДАР К...ЧА

Дар к...чаи мо, ки Ч...поналӣ Д...сталиев ном дорад, бо ташаббуси раиси Ш...рои маҳалла, ки замоне дар Мирзоч...л тракторчӣ буду имр...з унвони т...дакаш ...ғлон Қ...лдошевро гирифтааст, р...зи шанбе ҳашари тозагӣ баҳри тозагию озодагии маҳали зист баргузор гардид, ки бо дуои м...йсафедону шахсони обр...манд оғоз ёфт. Аз ҷумла, собиқадори меҳнат, бобои м...йлабдор, ки мо Будённий мег...ем, сухан гирифта, аз солҳои душвор, ки ба ҷои кулча б...лканон, ҷойи ш...рбо пиёбаи пиёзин мех...рданд, дуру дароз гап зад. Ҳатто ба хур...счанг рафта, бо туҳфа баргаштани худро низ қайд кард.

Сипас ҳама бо белу каланд, ҷ...робу алавгираку дастп... шак ба кор шур...ъ карданд. Ҷ...йчаҳои ду ҷониби к...ча аз ҳаргуна партобҳо, ба қавли маишӣ, ки ба худи истиқоматкунандагон тааллуқ дошт, тоза карда шуд. Чорта симч... бро ранг додему фур...шандагони д...кону д...зандагони маҳалла коргоҳи худро ба тартиб оварданд. Дар ҳашар ҳамчунин ом...згорону к...дакон, ҳатто навар...сон бо қоши ...смадор, ҳалқа дар г...ш дар канор намонданд.

Аз ҷумла ...роқ Достиев, ...рмоналӣ Ҷангиев, ...ктами Ҷобир, Хушр...мол Ҷ...раева, ...лмасой Турақулова, Б... табек Сангинов баринҳо дар фурсати к...тоҳ к...шиш карданд, ки к...чаамон як г...шаи зебову гулрез бошад. Ҳамон р...з қассоби гузар Алибердии Беҳр...з аз г...сфанди навкуш се кило г...шти лаҳмро «чизу биз» кард. Омӯзгор Неъматулло Қ...зиев, ки зайли замона соҳибкор шудааст, ...ҳдадор шуд, ки ҳамроҳи фарзандонаш к...чаро асфалт менамояд. Аз ин иқдом ҳама кафк...бӣ карданд.

Эзоҳ: *Азбаски имрӯз дар боби «ӯ»-и дароз баҳсу талош, гиру дору ману ту авҷ гирифтааст, нахостам маро ҳам ба гирдоби «моҷаро» кашанд. Аз ин рӯ ҷойи «ӯ»-ро се нуқта мондам.*

Бо эҳтиром ...рол Б...ТАЕВ, д. Гулбодом

Муҳтарам Ӯрол Бӯтаев. Дар мо низ имрӯзҳо «Ӯ»-и дароз, хусусан дар саҳифаи «Шакарханд» хеле дифисит. Минбаъд танҳо «Ӯ»-и дарозро фиристед, ки хабару мақоларо худамон менависем... Барои эътиборатон як олам ташаккур!

Нусха бо аслаш баробар г...ён

Эгамназар СОҲИБНАЗАРОВ
Илтимос, ба телефони 918-89-9-62 занг назанед!

ТРОЛЛЕЙБУС

Зан аз мард мепурсад:

- Фарҳодҷон, ба хона бо чӣ меравем?

Мард мегӯяд:

- Гулиҷон, ту бо чӣ рафтан мехоҳӣ?

Зан мегӯяд:

- Намедонам тарзи дурусти талаффузаш чӣ гуна бошад: "таксӣ" ё "такси"?

Мард мегӯяд:

- Тарзи дурусташ "троллейбус".

ЗАРАР ВА ФОИДАИ ИНКОРИ ҲАРФИ "Ӯ"

– Оё аз барҳам додани ҳарфи Ӯ ба касе фоида ё зарар мерасад?, -пурсидам аз Мундонии ҳамадон. Гуфт:

- Агар ҳарфи ӯро барҳам диҳед, бар зидди бузургон ва ба фоидаи гарангҳо кор мекунед.

- Чӣ хел?, -пурсидам бо тааҷҷуб. Мундонӣ бо табассум афзуд:

- Мӯҳтарамҳо муҳтарам мешаванд, ки ин бар зарари бузургон аст. Аммо “гӯл”-ҳо гул мешаванд, ки ин ба манфиати эшон аст.

Холиқназар ҶУМЪАЗОДА

ШАКАРХАНД

Зан ба шавҳар мегӯяд:

- Мардакҷон, имрӯз ман ба назди духтур рафтам. Гуфт, ки ба Варзоб, Ромит ё Норак равам ва дар назди об истироҳат кунам. Мо ба кучо меравем?

Шавҳар дар ҷавоб:

- Ба назди духтури дигар!

ДУЗАНА

Соҳибҷамоле ба ҷавони дӯстдоштааш мегӯяд:

- Барои тасаллои дил, ақаллан боре ба ман "Азизакам" гуфта муросо кун.

Ҷавон бо ғурур ҳавобаландона мегӯяд:

- Эҳ, ҳа-а-а! Ман то ба ҳол боре ҳамсари худро "Азизакам" нагуфтааму...

- Эҳ, ҳа-а-а! Чӣ, ту зан дорӣ?,- мегӯяду мушти обдоре бар сари ҷавон мезанад.

Ҷавон калавида, мегӯяд:

- Азизакам, ту аз зани дуюмам ҳам боқувваттар будаӣ...

ДАР БЕМОРХОНА

- Духтурҷон, мегӯянд, ки дар беморхонаи шумо баъзан диагнози нодуруст мемонанд.

- Чӣ хел?

- Мисол, шумо шамолхӯрда гуфта табобат мекунеду ман аз дарди гурда мемурам.

- Не, дар тачриба ягон бор чунин нашудааст. Агар ман шуморо аз шамолхӯрдагӣ табобат кунам, аниқ аз ҳамин дард мемуред, ташвиш накашед.

ДӮСТ

Зане ба дугонааш мегӯяд:

- Баъд аз 10 соли оиладорӣ фаҳмидам, ки хушдоманам воқеан маро дӯст медоштааст!

Дугонааш ҳайрон шуда:

- Чӣ хел? Охир, шумо як умр мушу гурба барин душман будед ку!?

Зан мегӯяд:

- Эҳ дугоначон, маҳз ҳамин хушдоманам аз рӯзи аввал зидди издивочи мо буд!

САВОЛИ БИБӢ

Кӯдаке аз падараш мепурсад:

- Дада, бибиям магар ақлашонро хӯрдаанд?

Падар мегӯяд:

- Бибиятро ин тавр нагӯ.

Кӯдак мегӯяд:

- Охир, ҳар дафъае, ки ба наздаш меравам, он кас мепурсанд: «Ин бачаи кӣ бошад, ба назди ман омадааст...».

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

Сканворд

